Пардохти андозҳо - нишонаи бофарҳангии ҷомеа

# Боҷу хироҷ

№9 (1210)

Панҷшанбе,
27 феврали соли 2020

www. bojukhiroj.tj
E-mail: boju_hiroj@mail.ru

Рӯзнома аз 26 декабри соли 1998 чоп мешавад.

НАШРИЯИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

ПРЕЗИДЕНТ



## Ҳомиёни далеру шуҷои Ватан

Паёми шодбоши Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон

саҳ.2

# Молу мулки ғайриманқул чӣ гуна андозбандӣ мегардад?




## Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба маълумоти шумо мерасонад, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ва "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ", шурӯъ аз 8 январи соли 2020 тамоми амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда **РОЙГОН** анҷом дода мешавад.

## Таъмини рушд

Шарҳи баъзе муқаррароти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 8 феврали соли 2020 мавриди амал қарор гирифт

с. 3

НАВИГАРИҲОИ АНДОЗ

## Дар Ӯзбекистон «андоз барои Google» ҷорӣ мешавад

Ширкатҳои рақамӣ дар Ӯзбекистон бо мақсади андозбандӣ намояндагии доимиашонро таъсис медиҳанд ё худашонро ба таври ихтиёрӣ дар қайди андоз мегузоранд

с. 4

КОРҲОИ НАЗОРАТӢ

## Чиптаи МНХ-ро талаб кунед!

Оё худи соҳибкорон ё фурӯшандагон ҳангоми савдои маҳсулоти худ чипта медиҳанд?

с. 5

КОРҲОИ ФАҲМОНДАДИҲӢ

## Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида

Корҳои фаҳмондадиҳӣ дар бораи тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида

с. 7

# Ҳомиёни далеру шуҷои Ватан

## Паёми шодбошии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон — Сарфармондеҳи Олии Қувваҳои Мусаллаҳ, генерали артиш Эмомалӣ Раҳмон дар паради ҳарбӣ ба ифтихори 27-солагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон



**Рафиқон генералҳо, афсарон ва сарбозони шуҷои Ватан!**

Рӯзи Қувваҳои Мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ифодагари истиқлолияту соҳибихтиёрӣ, иродаи қавии мардуми кишвар, матонату мардонагӣ ва ватандӯстиву ватандории фарзандони бонангу номуси он ба ҳисоб меравад, ҳар сол дар саросари мамлакат бо ифтихору эҳсоси баланди миллӣ таҷлил мегардад.

Ба ин муносибат тамоми ҳайати шахсии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқро самимона табрик гуфта, ба ҳамаи ҳомиёни содиқи Ватан тансиҳативу сарбаландӣ ва дар иҷрои вазифаҳои пурмасъулу бошарафашон муваффақият орзу менамоям.

Бисту ҳафт сол қабл, замоне, ки давлати ҷавони Тоҷикистон дар ҷодаи бунёди аркони давлатдории мустақил қадамҳои аввалини худро мегузошт, Артиши миллӣ ҳамчун яке аз рукнҳои муҳимтарини он таъсис дода шуд. Яъне давраи таъсиси Артиши миллӣ марҳалаи ниҳоят мураккабу вазнини давлатдории навини миллиамон буд.

Ҳукумати мамлакат, бо вуҷуди мушкилоти сахту сангини он рӯзҳо, тамоми имкониятҳоро ба хотири таъмини шароити зарурии хизмат ва зиндагӣ барои ҳайати шахсии ҷузъу томҳои артиши навташкил равона сохт.

Ҳанӯз дар оғози таъсисёбии Артиши миллӣ, яъне дар шароити ҷанги таҳмилии шаҳрвандӣ афсарону сарбозони шуҷоъ ба савганди ҳарбии худ содиқ монда, барои барқарорсозии сохти конститутсионӣ, ҳимояи истиқлолияти давлатӣ, қатъи ҷангу хунрезӣ, аз нестшавӣ ва парокандагӣ нигоҳ доштани давлату миллат, истиқрори сулҳу оромӣ, ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва таъмини ҳаёти осоиштаи мардуми Тоҷикистон саҳми ниҳоят арзишманд гузоштанд.

Дар ин роҳ ҳазорон нафар афсарону сарбозони бонангу номус ва содиқу сарсупурдаи мо ҷони худро нисор карданд, ки хотираи неки онҳо дар қалби мардуми Тоҷикистон ҳамеша зинда хоҳад монд.

Минбаъд мо дар сохтори Қувваҳои Мусаллаҳи кишвар марҳала ба марҳала Қӯшунҳои хушкигард, Қувваҳои ҳарбии ҳавоӣ ва мудофиаи зиддиҳавоӣ ва Қӯшунҳои зудамалро таъсис дода, ба таъсиси Қӯшунҳои сарҳадӣ, Қӯшунҳои дохилӣ, Гвардияи миллӣ ва дигар сохторҳои низомӣ шурӯъ намудем.

Имрӯз намояндагони ҷузъу томҳои зикршуда ва дигар воҳидҳои низомӣ барои гузаштан аз паради ҳарбӣ саф кашидаанд, ки боиси ифтихору сарбаландӣ ва осудагии ҳар як сокини мамлакат мебошад.

Тайи солҳои сипаришуда даҳҳо ҳазор ҷавонони бонангу номуси Ватан аз тарбияи ин мактаби далериву шуҷоат, яъне хизмат дар сафҳои Қувваҳои Мусаллаҳ гузашта, қарзи муқаддаси фарзандӣ ва рисолати мардонагии худро адо намудаанд ва борҳо собит сохтаанд, ки Артиши миллӣ дар ҳимояи манфиатҳои миллӣ, муқаддасоти давлати соҳибистиқлол ва таъмини амнияти давлат ва ҷомеа бо сарбаландӣ баромада метавонанд.

**Мӯҳтарам афсарону сарбозони Қувваҳои Мусаллаҳ!**

Ҳодисаҳое, ки солҳои охир дар минтақаҳои гуногуни ҷаҳон ба амал омада, боиси ҳалокати ҳазорҳо нафар одамони бегуноҳ ва бехонумон мондани миллионҳо нафари дигар дар баъзе кишварҳои сайёра гардида истодаанд, моро водор месозанд, ки барои тақвияти пояҳои моддиву техникии ҷузъу томҳои ҳарбӣ, ба хусусияти таҳдиду хатарҳои муосир мутобиқ гардонидани қудрати мудофиавии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат ва такмили сатҳи омодабошии ҷангии ҳайати шахсии он минбаъд низ тадбирҳои зарурии иловагӣ андешем.

Бахусус, вазъи зудтағйирёбандаи ҳарбиву сиёсии сайёра, аз ҷумла минтақа, тарафт густариш ёфтани доираи фаъолияти гурӯҳу созмонҳои террористиву экстремистӣ, инчунин, гардиши ғайриқонунии маводи мухаддир, қочоқи силоҳ ва дигар ҷиноятҳои фаромиллӣ аз ҳар як хизматчии ҳарбӣ тақозо менамояд, ки дар самти ҳимояи истиқлоли Ватани азизамон, ҳифзи амнияти давлату ҷомеа ва зиндагии ороми сокинони мамлакат доимо зираку ҳушёр ва омода бошанд.

Дар чунин шароит тамоми хизматчиёни ҳарбӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ, аз сарбози қаторӣ то афсарони баландрутба, вазифадоранд, ки донишу таҷриба ва малакаву маҳорати худро ба ҳимояи дастовардҳои замони истиқлолияту озодии Тоҷикистони маҳбубамон ва хизмати содиқона ба манфиати халқу Ватан сафарбар созанд.

Дар ин раванд, ба роҳбарони сохторҳои низомӣ, мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва фармондеҳони ҷузъу томҳои ҳарбӣ зарур аст, ки ба масъалаи риояи ҳатмии талаботи қонун ва ойинномаҳои низомӣ, тарбия ва ҷобаҷогузории дурусти кадрҳо, баланд бардоштани сатҳи касбияти ҳайати шахсӣ эътибори аввалиндараҷа ва доимӣ зоҳир намоянд.

Мардуми шарифи Тоҷикистони соҳибихтиёр дар симои хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат фарзандони бонангу номус ва далеру шуҷои худро мебинанд, ки ба савганди ҳарбӣ ва халқу Ватани худ ҳамеша содиқу вафодор ҳастанд.

Ман ба ҳисси баланди миллӣ ва матонату мардонагии хизматчиёни ҳарбии Қувваҳои Мусаллаҳи Тоҷикистони озод эътимод дорам ва бо ифтихору итминон иброз медорам, ки онҳо минбаъд низ истиқлолу озодии Ватани маҳбубамон, амнияти давлат ва суботу оромии мардуми моро чун сипари боэътимод ҳимоя мекунанд.

Бори дигар ҳамаи шуморо ба ифтихори ҷашни бистуҳафтсолагии таъсисёбии Қувваҳои Мусаллаҳи мамлакат табрик гуфта, ба ҳар яки шумо, тамоми ҳайати шахсии ҷузъу томҳои низомӣ ва кормандони мақомоти ҳифзи ҳуқуқ тансиҳативу хушбахтӣ, сарбаландиву саодат ва ба Тоҷикистони озоду соҳибихтиёрамон суботу оромии ҷовидонӣ орзу менамоям.

**Ҷашн муборак бошад, ҳомиёни далеру шуҷои Ватан!**

# ФАРМОИШИ

## РАИСИ КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

*18 феврали соли 2020, №86 ш.Душанбе*

### «Дар бораи ворид намудани аризаҳо доир ба интихоби ҳисоби уҳдадории андозӣ аз рӯи андози низоми содакардашуда»

Бо мақсади дар амал дуруст татбиқ намудани Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2020, №1676, оид ба ташкили махзани ягонаи электронии супорандагони андози НИЗОМИ содакардашуда дар барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо доир ба интихоби ҳисоби уҳдадории андозӣ, мутобиқи банди 16 Низомномаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон,

**ФАРМОИШ МЕДИҲАМ:**

1. Тартиби бақайдгирӣ ва баҳисобгирии андозӣ оид ба андози низоми содакардашуда дар барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо (СМИИА) модули «Бақайдгирии низомҳои андозбандӣ» аз рӯи шакли аризаи муқарраршуда «Дар бора интихоби тартиби ҳисоби уҳдадории андозӣ оид ба андози низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкори хурд» (минбаъд- тартиби баҳисобгирии андозӣ) ба роҳ монда шавад.

2. Мақомоти ҳудудии андоз, шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ вазифадор карда шаванд:

- ба ҳамаи шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии дар низоми содакардашудаи андозбандӣ фаъолияткунанда доир ба интихоби тартиби баҳисобгирии андозӣ огоҳиномаи дахлдорро дастрас намуда, тибқи тартиби муқарраргардида аризаҳои пешниҳоднамудаи андозсупорандагонро дар шакли хаттӣ бо тасдиқи муҳр, имзои роҳбар, сармуҳосиб ва соҳибкори инфиродӣ қабул намуда, ҷиҳати ба махзани маълумот ворид намудани он чораҷӯӣ намоянд;
- масъулияти ворид намудани шакли ариза дар бораи интихоби тартиби баҳисобгирии андозӣ оид ба андози низоми содакардашуда барои субъектҳои соҳибкории хурди амалкунанда дар СМИИА «Бақайдгирии низомҳои андозбандӣ» ба зиммаи сардорони шуъбаҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, сардорони гурӯҳҳои хизматрасонӣ ба шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродии мақомоти ҳудудии андоз вогузор карда шавад;
- қабул ва ворид намудани аризаҳои шакли муқарраршуда дар бораи интихоби тартиби баҳисобгирии андозӣ барои субъектҳои соҳибкории хурди навтаъсис дар СМИИА «Бақайдгирии низомҳои андозбандӣ» ба зиммаи кормандони шуъба ва бахшҳои бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ гузошта шавад;
- ба инобат гирифта шавад, ки андозсупорандагоне, ки яке аз тартиби баҳисобгирии андозиро интихоб намудаанд, уҳдадоранд то охири соли ҷории ҳисоботӣ бо ҳамин тартиб фаъолият намоянд. Дар сурати пайдо шудани хоҳиши ба дигар тартиб гузаштан, ҳуқуқ доранд то 31 декабри соли ҳисоботӣ барои иваз кардани тартиби баҳисобгирии андозии худ расман ба мақомоти андоз муроҷиат намуда, шурӯъ аз оғози соли минбаъда тартиби баҳисобгирии андозии худро тағйир диҳанд.

3. Сарраёсати маъмурикунонии андоз, Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо, Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ва Раёсати бақайдгирии андозсупорандагон вазифадор карда мешаванд, ки мониторинги пайвастаи маълумотро вобаста ба интихоби тартиби баҳисобгирии андозӣ пеш бурда, раванди аз ҷониби андозсупорандагон дуруст интихоб шудани тартиби баҳисобгирии андозиро зери назорат қарор дода, барои татбиқи муқаррароти Кодекси андоз дар ин самт чораандешӣ намоянд.

4. Раёсати ташкили гардиши ҳуҷҷатҳо ва коргузорӣ фармоиши мазкурро ба сарраёсатҳо, раёсатҳои мустақили дастгоҳи марказӣ ва мақомоти ҳудудии андоз дастрас намояд.

5. Назорати иҷрои фармоиши мазкур ба зиммаи муовини якуми Раиси Кумитаи андоз Солеҳзода А.М. вогузор карда шавад.

**Раис** **Н. Давлатзода**

# Таъмини рушд

## *Шарҳи баъзе муқаррароти тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки аз 8 феврали соли 2020 мавриди амал қарор гирифт*

**Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ - Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон бо мақсади дастгирӣ намудани субъектҳои соҳибкорӣ Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистонро дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз санаи 2 январи соли 2020 таҳти рақами 1676 ба имзо расониданд.**

**Барои равшанӣ андохтан ба ин мавзӯъ бо сардори шуъбаи Раёсати тамкмили қонунгузории андоз Вазиров Собир Зокирович суҳбате доир кардем, ки фишурдаи онро манзури хонандагон мегардонем.**

**- Тибқи Қонуни мазкур дар кадом самтҳои андоз ва андозбандӣ тағйирот ворид карда шуданд?**

- Тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1676 ворид гардид ва аз 8 феврали соли 2020 мавриди амал қарор гирифт, бештар ба таъмини рушди низоми ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ, ташкили пешбурди дурусти муҳосибот, пешбинӣ кардани фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот дар андози низоми содакардашуда, муқаррар намудани имтиёзҳои андозӣ нигаронида шудааст.

**- Чӣ тавре, ки маълум аст, соҳибкорони хурд андозро аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот пардохт мекунанд, яъне соҳибкор агар 1000 сомонӣ даромад ба даст орад, новобаста аз гирифтани фоида аз ҳамин 1000 сомонӣ андозро пардохт менамояд. Мегуфтед, ки оё тибқи Қонуни мазкур ҳамин масъала роҳи ҳалли худро ёфт?**

- Тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 291, 292, 293 ва 296 Кодекси андоз минбаъд дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози содакардашуда, ба андозсупоранда ҳуқуқ дода шудааст, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот (аз фоида) ҳисоб ва пардохт намояд. Яъне соҳибкори хурд дар сурати интихоби тартиби фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот аз даромади умумии гирифтааш хароҷоти худр тарҳ намуда, андози низоми содакардашударо пардохт мекунад (300 (фоида)=1000 (даромади умумӣ)-700 (хароҷот)).

Барои истифода намудани чунин тартиби андозсупорандаи навтаъсис дар давоми 5 рӯзи корӣ, пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ва андозсупорандаи амалкунанда то 31 декабри соли тақвимӣ ба мақомоти андоз ариза пешниҳод менамояд. Бо мақсади дуруст ва мақсаднок истифода намудани ин сабукиҳои андозӣ андозсупоранда бояд баҳисобгирии муҳосибӣ ва ҳисоботи молиявиро низ мутобиқ ба муқаррароти қонунгузорӣ анҷом диҳад.

**- Вақте соҳибкори хурд дар низоми андози худ ҳуқуқ ба тарҳи хароҷотро пайдо менамояд, меъёри андоз низ тағйир меёбад?**

- Меъёрҳо барои тартиби аз фоида ҳисоб ва пардохт намудани андози низоми содакардашуда барои фаъолияти истеҳсоли мол аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 13% ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 14% барои намудҳои дигари фаъолият мувофиқан 15% ва 16% муқаррар гардид.

Меъёрҳо барои тартиби ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда аз даромади умумӣ барои фаъолияти истеҳсоли мол аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 4% ва амалиёти нақдӣ 5% ва барои намудҳои дигар фаъолият мутаносибан 5% ва 6% муқаррар карда шуд.

Қобили қайд аст, ки мақсад аз паст кардани меъёри андоз барои хариди ғайринақдӣ ҳавасманд намудани соҳибкорони хурд ҷиҳати бештар истифода намудани воситаҳои пардохти кортҳои пластикии бонкӣ ё ҳисоббаробаркунии ғайринақдӣ тавассути суратҳисоби бонкӣ мебошад.

**- Тибқи тағйироти мазкур ба шаҳрвандоне, ки бо корти пластикӣ харидорӣ менамоянд, ягон сабукӣ пешбинӣ гардидааст?**

- Тайи солҳои охир аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ бо мақсади ҳавасмандгардонии муштариён ҷиҳати истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ ба онҳо маблағи бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ пешниҳод гардидаанд.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба ҳисоббаробаркуниҳои ғайринақдӣ имтиёз дар андоз аз даромад нисбат ба даромади муштариён дар шакли бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба муштариён ҳангоми истифодабарии воситаҳои электронии пардохтӣ пешниҳод мегарданд, муқаррар карда шуд. Минбаъд бонусҳо, кэшбек ва дигар механизмҳои ҳавасмандгардонӣ, ки барои истифодабарии васеи воситаҳои электронии пардохт, ки аз ҷониби ташкилотҳои қарзии молиявӣ ба кортҳои пластикии муштариён гузаронида мешавад, аз пардохти андоз аз даромад озод карда шуд.

**- Маълум аст, ки шахс метавонад аз манбаҳои гуногун, аз ҷумла аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии наздиҳавлигии худ даромад ба даст орад. Оё барои даромади чунин шахсон имтиёз муқаррар шудааст?**

- Бо мақсади ҳавасмандгардонӣ ва дастгирии шаҳрвандоне, ки замини наздиҳавлигии худро самаранок истифода намуда, маҳсулоти кишоварзии истеҳсолкардаи худро барои фурӯш ба бозор мебарорад, ба моддаи 104 (имтиёзи андоз аз даромад) Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуд, ки тибқи он даромад аз фурӯши маҳсулоти кишоварзии шахсони воқеӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст, бе коркарди саноатӣ ва содироти он, аз пардохти андоз аз даромад озод шуд.

Ин имтиёз танҳо ба даромади шахси воқеӣ аз фурӯши маҳсулоти кишоварзӣ, ки дар қитъаи замини наздиҳавлигӣ парвариш (истеҳсол) карда шудааст, татбиқ карда мешавад. Дар ҳолати амалӣ намудани коркарди саноатӣ ва содироти он ба хориҷи кишвар аз пардохти андоз аз даромад озод карда намешавад.

**- Тибқи супориши Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар таҳрир ва таҳияи нави Кодекси андоз кадом сабукиҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ пешбинӣ шудааст?**

- Бо мақсади иҷрои дастуру супоришҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон, ҷиҳати дастгирӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ ба моддаи 109 (меъёри андоз аз фоида) Кодекси андоз тағйирот ворид карда шуда, меъёри «вале на кам аз 1 фоиз аз даромади умумӣ» хориҷ карда шуд.

Ёдовар мешавем, ки мутобиқ ба муқаррароти қаблан амалкунанда меъёри андоз аз фоида барои фаъолияти истеҳсоли молҳо 13 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ ва барои дигар намуди фаъолият 23 фоиз, вале на кам аз 1 фоизи даромади умумӣ муқаррар шуда буд. Яъне агар фаъолияти солонаи молиявии корхона, ки баъди соли ҳисоботӣ фаро мерасад, бо зарар чамъбаст шуда бошад ва ё маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида аз 1 фоизи даромад кам бошад, корхона уҳдадор буд, андоз аз фоидаро аз даромади умумии дар давоми сол ба дастомада на кам аз 1 фоиз ҳисоб намуда, ба буҷет пардохт намояд. Бо дарназардошти тағйироти воридшуда минбаъд новобаста аз он ки фаъолияти молиявии солонаи корхона бо зарар ҷамъбаст шуда бошад ва ё маблағи ҳисобшудаи андоз аз фоида аз 1 фоизи даромади корхона кам бошад, корхона уҳдадор намебошад, ки андоз аз фоидаро аз даромади умумии солонаи худ на кам аз 1 фоиз ҳисоб ва пардохт намояд.

**Мусоҳиб**

**Ширинмоҳи МУҲАММАДӢ**

# Баҳри татбиқи технологияҳои муосири иттилоотӣ

**Кормандони Раёсати технологияҳои иттилоотии Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2019 ҷиҳати татбиқи технологияҳои иттилоотии муосир, ҳолати нигоҳдории таҷҳизоти техникӣ (компютерҳо, таҷҳизоти нусхабардору чопкунӣ), таъмини шабакаи дохилаи мақомоти андоз ва дастрасии мунтазами кормандон бо барномаҳои компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо», тадбирҳои судманд андешида истодаанд.**

Тавре сардори Раёсати технологияҳои иттилоотӣ Хуршед Шарипов иброз дошт, гузариши пай дар пайи нозиротҳои андоз ба хати алоқаи нурӣ (оптикӣ) ва беноқил, суръати табодули маълумот, дастрасии мунтазами мақомоти ҳудудии андоз ба барномаҳои компютерии «Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо» ва истифодаи онҳо босуръат вусъат меёбанд. Дар ин давра, аз тарафи мутахассисони раёсати мазкур якчанд нозироти андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ аз хати алоқаи телефонӣ ба хати алоқаи нурӣ (оптикӣ) ва беноқил гузаронида шудаанд, ки онҳо, айни замон, дар ҳолати хуби корӣ қарор дошта, бо суръати баланд кор карда истодаанд. Нозиротҳои андоз дар ноҳияҳои Мир Саид Алии Ҳамадонӣ, Панҷ, Шамсиддин Шоҳин, Нуробод ва Сангвор аз ҳамон ҷумлае мебошанд, ки ба хати алоқаи нурӣ ва беноқил гузаштаанд.

Бояд қайд кард, ки то ба имрӯз зиёда аз 42%-и мақомоти ҳудудии андоз ба ин намуди алоқа пайваст шудаанд.

Ба гуфтаи Хуршед Шарипов барои андозсупорандагоне, ки эъломияҳои андозии худро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд ва имконияти дастрасӣ ба шабакаи интернетиро надоранд, дар биноҳои нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ 32 адад ҳуҷраҳои алоҳидаи пешниҳоди эъломияҳои андоз тариқи электронӣ (терминал) ташкил карда шудаанд.

Хотирнишон бояд намуд, ки роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои дар шакли электронӣ ба роҳ мондани хизматрасониҳо ба андозсупорандагон пайваста кӯшиш ба харҷ дода истодааст. Ин аст, ки алҳол 16 намуди хизматрасониҳои нави электронӣ ба андозсупорандагон амал мекунад. Айни замон бо истифода аз технологияҳои муосири иттилоотӣ аз ҷониби мақомоти андоз ба андозсупорандагон, дар маҷмӯъ, 36 намуди хизматрасониҳои электронӣ пешниҳод гардидааст.

Ҳамчунин, бо мақсади дар сатҳи замонави ташкил намудани хизматрасонӣ ба андозсупорандагон ба раванди гузариши онҳо ба тартиби пешниҳоди электронии эъломияҳо тақвият бахшида шуд. Дар натиҷа, дар соли 2019 шумораи андозсупорандагоне, ки эъломияҳои худро тариқи электронӣ пешниҳод менамоянд, 60325 адад зиёд гардид. Ҳоло 140651 субъекти хоҷагидор имкони анҷом додани чунин амалиётро доранд, ки дар қиёс 59,8 фоизро ташкил медиҳад.

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои андозсупорандагон портали хизматрасониҳои электронӣ”-ро роҳандозӣ намудааст, ки ин тадбир барои фароҳам овардани шароити мусоид ба андозсупорандагон ва осон гардонидани истифодаи хизматрасониҳои электронӣ барои иҷрои уҳдадориҳои андозӣ нақши муассир мегузорад.

Ҳамаи имконияту шароитҳои фароҳамовардашуда барои амалӣ намудани Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 декабри соли 2011, № 643 тасдиқ шудааст, мусоидат хоҳад намуд.

**Лутфия ҲАМИДОВА**

## Андозбандии ширкатҳои рақамии байналмилалӣ

**Барои ба вуҷуд овардани шароити баробари пешбурди бизнес дар байни ширкатҳои ватанӣ ва хориҷие, ки ба хизматрасонии интернетӣ машғул мебошанд, дар Россия қонуне қабул шуда буд, ки тибқи он аз 1 январи соли 2017 ташкилотҳои хориҷӣ ҳангоми ба шаҳрвандони Россия расондани хизмати электронӣ бояд ба буҷети Федератсияи Россия андоз аз арзиши иловашуда (ААИ) пардохт кунанд.**

Аз моҳи январи соли 2019 ширкатҳои хориҷӣ уҳдадор буданд дар мақомоти андози Россия худро ба қайд гирифта, оид ба ҳамаи амалиёти дар қаламрави Федератсияи Россия анҷомдодаашон, новобаста аз шахси ҳуқуқӣ ё шахси воқеӣ (соҳибкори инфиродӣ) будани харидор, ба буҷети кишвар бояд ААИ пардохт намоянд:

*- андозсупорандагон – ширкатҳои хориҷӣ минбаъд вазифадор нестанд, ки баҳисобгирии харидорони хизматрасониҳои электрониро аз якдигар ҷудо ба роҳ монанд;*

*- уҳдадории агенти андоз аз ААИ, аз ҷумла барои ширкатҳои начандон калон ва соҳибкори инфиродӣ ҳам соқит карда шудааст;*

*- самаранокии маъмурикунонии андоз ва даромади иловағӣ ба буҷет афзун гашт.*

Дар Нозироти байниминтақавии оид ба андозсупорандагони калони №7 2072 ташкилоти хориҷӣ ба қайд гирифта шудаанд.



Маблағи андози дар эъломияҳои андозии онҳо барои солҳои 2017-2019 нишондодаашон ба таври зерин аст:

*- соли 2017 - 9,4 млрд рубл (танҳо аз ҳисоби амалиёт дар B2C-сегмент);*

*- соли 2018 – 12,3 млрд рубл (танҳо аз ҳисоби амалиёт дар B2C-сегмент);*

*- семоҳаҳои 1 – 3 соли 2019 – 47,5 млрд рубл (амалиёт дар сегментҳои B2C ва B2B).*

Тибқи дурнамо дар соли 2019 аз ҳисоби ААИ ширкатҳои хориҷӣ ба даст овардани тахминан зиёда аз 60 млрд рубл даромад пешбинӣ гаштааст.

70 фоизи пардохтҳои ААИ ба ширкатҳои маъруфи Google, Apple, Microsoft, Facebook, Sony interactive, Booking.com, Amadeus IT Group, Discovery, Valve Corporation, Bloomberg рост меояд.

**Манбаъ: Маҷаллаи «Международная деятельность» Хадамоти федералии андози Россия**

# Дар Ӯзбекистон «андоз барои Google» ҷорӣ мешавад

**Раиси Кумитаи давлатии андози Ҷумҳурии Ӯзбекистон Беҳзод Мӯсоев қайд намуд, ки рӯёнидани андоз аз ширкатҳои хориҷии Google, Alibaba, Facebook, Amazon, Яндекс ва дигаронро ба нақша гирифтаанд. Кумитаи давлатии андоз ба ширкатҳои мазкур пешниҳод менамояд, ки дар Ӯзбекистон намояндагии доимиашонро таъсис диҳанд ё худашонро ба таври ихтиёрӣ дар қайди андоз гузоранд.**




Дар Ӯзбекистон ҷорӣ намудани «андоз барои Google» ба нақша гирифта шудааст. Дар нишасти матбуотие, ки Раиси Кумитаи давлатии андози ҷумҳурӣ Беҳрӯз Мӯсоев доир намуд, дар бораи чӣ тавр рӯёнидани андоз аз ширкатҳои хориҷӣ ва мушкилоти он гуфтугӯ кард.

Дар лоиҳаи таҳрири нави Кодекси андоз, ки чанде пеш онро Сенати Ҷумҳурии Ӯзбекистон қабул кард, боби нав дар бораи хусусиятҳои андозбандии шахсони ҳуқуқии хориҷие ворид шудааст, ки онҳо ба хизматрасонии электронӣ машғул мебошанд. Дар Кодекси андоз зикр шудааст, ки агар ширкатҳои хориҷӣ дар Ӯзбекистон ба хизматрасонии электронӣ машғул бошанд, аз ҷумла хизматрасонӣ ба шахсони воқеӣ (аҳолӣ), он гоҳ онҳо андозсупоранда шуморида мешаванд.

Додани ҳуқуқ барои истифодабарии таъминоти барномавӣ (аз ҷумла бозиҳо) ва дастрасӣ ба системаҳои ҷустуҷӯӣ, расонидани хизматрасонӣ дар соҳаи реклама дар интернет, пешниҳоди хизматҳо оид ба ҷустуҷӯ ва пешниҳоди иттилоот дар бораи харидорони имконпазир, нигоҳ доштан ва коркарди иттилоот ва амсоли инҳо аз зумраи хизматрасониҳо дар шакли электронӣ дониста мешаванд. Ба қатори ширкатҳое, ки чунин хизматҳоро мерасонанд, ширкатҳои азими интернетии Яндекс, Google, Facebook, Alibaba ва амсоли онҳо дохил мешаванд.

Ба саволи хабарнигори «Газета.uz» ҷавоб гуфта, Баҳром Мӯсоев қайд намуд, ки масъалаи рӯёнидани «андоз барои Google» ҳоло масъалаи мубрами тамоми мақомоти андози ҷаҳон мебошад.

«Сомонаҳои Alibaba, Яндекс, Google, Facebook, Amazon, Uber, Booking.com ва дигарон. Панҷ самти асосӣ ҷудо шудааст. Ҷамъи даромадҳо, комиссияҳои онҳоро муайян ва андозбандӣ намудан хеле мушкил аст. Кишварҳои хориҷӣ ҳоло дар ин самт мубориза мебаранд ва кӯшиш мекунанд, ки андозҳояшонро рӯёнанд. Ҳоло мо бо роҳи зерин ҳаракат дорем. Медонем, ки ҳамкасбони мо аз Россия чанде пеш барои хизматрасониҳои онҳо андоз аз арзиши иловашуда ҷорӣ намудаанд. Аммо чӣ тавр мо фактураҳои мазкур ва хизматрасониҳои онҳоро пайдо кунем? Ин масъалаи мушкил аст. Зеро онҳо минтақа ва суроғаҳояшонро зуд тағйир медиҳанд», - гуфт Раиси Кумитаи давлатии андозҳои Ӯзбекистон.

Тавре мавсуф гуфт, дар Кодекси андоз қайд хоҳад шуд, ки барои чунин хизматрасониҳо андоз аз арзиши иловашуда рӯёнида мешавад.

Оё «Facebook ба мо чунин маълумотро дастрас менамояд? Мушкил аст ҷавоб гуфтан ба ин савол. Оё Google чунин маълумотро ба мо дастрас мекунад? Боз ҳам мушкил аст. Бо ҳамин сабаб мо аллакай дар Кодекси андоз нишон додаем. ки аз чунин хизматрасониҳо андоз аз арзиши иловашуда рӯёнида мешавад. Минбаъд мо ботадриҷ бо ҳар як ширкати андозсупор кор мекунем, то ин ки онҳо муассисаҳои доимоамалкунанда таъсис диҳад. Ҳамин масъала ба AirBnB ҳам тааллуқ дорад, зеро ширкати мазкур дар ҳамаи кишварҳои олам муассисаҳояшро таъсис дода, тамоми даромадҳоеро, ки аз андозсупорандагони ҳамон кишвар ба даст меорад, нишон медиҳад. Мо бо такя ба таҷрибаи ҳамкасбонамон аз кишварҳои узви ИДМ ва бо кӯмаки коршиносон (аз Бонки ҷаҳонӣ) бо онҳо ҳамкорӣ карда, робитаҳо баркарор мекунем, - изҳор дошт Раиси Кумитаи давлатии андоз.

Беҳзод Мӯсоев, инчунин, изҳор намуд, ки ҳоло ҷамъи маблағи тахминии воридот аз «андоз барои Google»-ро сареҳан номбар карда наметавонад.

«Дар оғоз моро ҳуқуқ, минбаъд методология ҷалб менамоянд, пас аз ҳама ҳисоб ва бақайдгирӣ. Фарз кардем, имрӯз мо аз ширкатҳои мазкур ягон хел маблағ ба даст намеорем, вале мо рӯз аз рӯз ба самти пешрафт ҳаракат дорем. Дар Кодекси андоз заминаи қонуниро ба вуҷуд овардаем ва медонем, ки мо чӣ гуна ҳуқуқ дорем (барои андозбандӣ), онҳо бошанд уҳдадоранд, ки андоз пардохт намоянд, - гуфт Раиси КДА.

Тавре ба «Газета uz» сардори Раёсати камералии КДА Азиз Ҳошимов гуфт, ширкатҳои хориҷе, ки худашонро ҳамчун пардохткунандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд мегиранд, онҳо ба қонунӣ гардонидани фаъолияташон ҳавасманд мебошанд.

«Барои онҳо имконият фароҳам оварда мешавад. ки худашонро ихтиёран ҳамчун пардохткунандаи андоз аз арзиши иловашуда ба қайд гиранд. ААИ андози ғайримустақим буда, чунин маъно дорад, ки истеъмолкунанда пардохткунандаи андоз аст. Бо ибораи дигар, шаҳрвандони Ӯзбекистон хизматҳои Google-ро харид мекунанд, дар баробари он ширкат ба нархи муқаррашудаи хизматрасонӣ 15% ААИ илова намуда, онро мефурӯшад. Google ҳамин маблағи ААИ-ро ба буҷет интиқол медиҳад, - гуфт ӯ.

Ширкати хориҷӣ уҳдадор мешавад, ки ҳангоми кушодани муассисаи доимӣ дар Ӯзбекистон худашро дар мақомоти андоз ба қайд гузорад. Агар ширкат нияти дар Ӯзбекистон кушодани муассисаи доимиро надошта бошад, метавонад худашро ихтиёран дар қайди мақомоти андози ҷумҳурӣ гузорад. Бақайдгирӣ дар асоси ариза ва дигар ҳуҷҷатҳое амалӣ гардонида мешавад, ки рӯйхати онҳоро КДА тасдиқ намудааст. Ариза на дертар аз 30 рӯзи тақвимӣ аз лаҳзаи оғози хизматрасонӣ дар шакли электронӣ пешниҳод карда мешавад.

«Андоз барои Google» дар кишварҳои дигар ҳам ҷорӣ шудааст. Дар Россия аз соли 2016 инҷониб қонун дар бораи пардохти ААИ ҳангоми фурӯши хизматрасонии электронӣ амал мекунад. Андози мазкур аз ҳар гуна хизматрасоние ситонида мешавад, ки он ба воситаи интернет фурӯхта шудааст: аз реклама, фурӯши замимаҳо, бозиҳо, хостинги сомонаҳо, мусиқӣ, филмҳо ва ғайра. Аввалин 200 адад ширкат, аллакай, соли 2017 ба пардохт намудани андоз сар карда буданд. Ҳамон сол буҷети Россия аз ҳисоби ширкатҳои рақамӣ 9,4 миллиард рубл (150 миллион доллар) даромад ба даст овард, соли 2018, аллакай, 12 миллиард рубл (қариб 190 млн доллар).

**Манбаъ: Газета.uz**

# Чиптаи МНХ-ро талаб кунед!

**Ҳар яки мо дар марказҳои савдо ва ё бозорҳо барои эҳтиёҷоти худ молу маҳсулот харидорӣ мекунем. Баъзан ашёи харидаамон ба мо писанд намеояд ва ё вайроншуда мебарояд, аз ин рӯ, барои онро баргардонидан тибқи қонуни амалкунанда бояд чипта (чек) пешниҳод кунем. Дар ҳолати пешниҳод накардани чипта фурӯшанда моли худро бозпас намегирад. Вале оё худи соҳибкорон ва ё фурӯшандагон ҳангоми савдои маҳсулоти худ мустақилона чипта медиҳанд?**

Мақомоти андоз бо мақсади пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагон дар марказҳои савдо ва бозорҳои кишвар пайваста корҳои фаҳмондадиҳӣ ва назоратӣ гузаронида истодаанд. Яке аз чунин корҳои назоратӣ гузаронидани хариди назоратӣ ба ҳисоб меравад, ки мақсад аз ин амал боз ҳам хубтар ба роҳ мондани фаъолияти соҳибкорон ва пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз дар мавриди истифодаи мошини назоратӣ-хазинавии дорои таҷҳизоти интиқолиҳандаи электронӣ (МНХ-и дорои ТИЭ) мебошад.

Воқеан, мақсад аз гузаронидани санҷиши андоз, пеш аз ҳама, пешгирии қонунвайронкуниҳои андоз, бартараф намудани камбудиҳои ҷойдошта, таъмини воридоти сариваҷтии маблағи андози дар рафти санҷиш ошкоршуда ва анҷом додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати минбаъд ба қонунвайронкуниҳои андоз роҳ надодани андозсупоранда мебошад. Анҷом додани корҳои назоратӣ яке аз самтҳои муҳим ва назарраси фаъолияти мақомоти андоз буда, бинобар ин, ҳамеша дар мадди назари роҳбарияти Кумитаи андоз қарор дорад.

Натиҷаи корҳои назоратӣ нишон медиҳад, ки ҳарчанд маданияти андозсупории андозсупорандагон нисбат ба давраҳои қаблӣ беҳтар гардидаю сатҳи қонунвайронкуниҳои андоз нисбатан коҳиш ёфтааст, аммо қонунвайронкуниҳои андоз дар фаъолияти андозсупорандагони алоҳида ҳанӯз ҳам дида мешавад.

Бо мақсади ҷоннок намудани фаъолияти мақомот дар самти гузаронидани хариди назоратӣ, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар самти таъмини андозсупорандагон бо МНХ-и дорои ТИЭ ва гузаронидани хариди назоратӣ мунтазам чораҷӯӣ намоянд. Илова бар ин, кормандони шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагони мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки дар фаъолияти андозсупорандагони вобасташуда дар як моҳ на кам аз панҷ хариди назоратӣ гузаронанд.

Тавре сардори Раёсати Сарраёсати назорати андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадсаид Давлатзода иттилоъ дод, соли 2019 мақомоти андози кишвар, дар маҷмӯъ, 3896 хариди назоратӣ ба маблағи 14620,9 ҳазор сомонӣ ҷаримаи маъмурӣ татбиқ намудаанд, ки 10600,4 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Кор дар самти маҷбуран ситонидани бақияи қарзи ҷаримаҳои маъмурӣ идома дорад.

Тибқи маълумот, дар ин давра кормандони Раёсати санҷиши андозҳои Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон 382 хариди назоратӣ гузаронидаю дар ин асос ба маблағи 1862,0 ҳазор сомонӣ протоколҳои маъмурӣ тартиб додаанд, ки 1271,4 ҳазор сомонии он ба буҷет пардохт шудааст. Дар давоми соли 2019 аз ҷониби Нозироти андозсупорандагони калон (НАК) ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 101 хариди назоратӣ ба маблағи 358,3 ҳазор сомонӣ, Нозироти андозсупорандагони миёна (НАМ) ва шуъбаҳои он дар шаҳру ноҳияҳои кишвар 339 хариди назоратӣ ба маблағи 1301,9 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Суғд 1449 хариди назоратӣ ба маблағи 4415,0 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар вилояти Хатлон 601 хариди назоратӣ ба маблағи 2401,0 ҳазор сомонӣ, Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе 604 хариди назоратӣ ба маблағи 2662,1 ҳазор сомонӣ гузаронида шудаанд.

Бо вуҷуди таъкидҳои пайвастаи роҳбарияти Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ба роҳ мондани корҳои фаҳмондадиҳӣ ҷиҳати гузаронидани хариди назоратӣ, фаъолияти нозиротҳои андози баъзе аз шаҳру ноҳияҳо дар самти назорати истифодаи МНХ, аз ҷумла бо роҳи гузаронидани хариди назоратӣ қаноатбахш нест. Яъне дар баробари он ки дар баъзе шаҳру ноҳияҳо хариди назоратӣ гузаронида шудааст, ҳастанд шаҳру ноҳияҳое, ки дар он ҳамагӣ як хариди назоратӣ гузаронида шудааст. Аз ҷумла дар шаҳру ноҳияҳои Лахш 1 адад, Тоҷикобод 1 адад, Нуробод 2 адад, Сангвор 1 адад хариди назоратӣ гузаронида шудааст, халос. Ин дар ҳолест, ки аз ҷониби мақомоти андози кишвар оид ба гузаронидани харидҳои назоратӣ ва пешниҳоди сариваҷтии ҳисобот ба мақомоти ҳудудии андоз барқиянома ирсол шуда буд. Тибқи барқияномаҳои ирсолшуда, мақомоти ҳудудии андоз вазифадор гардида буданд, ки дар як моҳ аз 1 то 5 адад хариди назоратӣ гузаронанд.

Бо вуҷуди он ки кормандони мақомоти андоз ба хотири пешгирӣ аз қонунвайронкуниҳои андозӣ корҳои фаҳмондадиҳӣ гузаронида, хариди назоратӣ ба анҷом мерасонанд, вале сокинон шикоят доранд, ки бархе аз фурӯшандагон ба онҳо аз МНХ чипта (чек) намедиҳанд.



Аз ҷумла сокини шаҳри Душанбе Хуршед Шарифов дар суҳбат бо мо гуфт, ки пайваста аз марказҳои савдо ва мағозаҳо харид мекунад, аммо кам ҳолатҳое мешавад, ки фурӯшандагон ба ӯ аз МНХ чипта (чек) диҳанд. Ӯ илова намуд, ки бештари марказҳои савдо, ба қавле «супермаркет»-ҳо, чипта медиҳанд, аммо баъзе фурӯшгоҳҳо чунин чипта намедиҳанд.

Номбурда таъкид намуд, ки хуб мешуд аз ҷониби кормандони мақомоти андоз пайваста харидҳои назоратӣ гузаронида шуда, нисбати он фурӯшандагоне, ки аз МНХ чипта намедиҳанд, чораҷӯӣ карда шавад.

Дар зимн фурӯшандагони бархе аз мағозаҳо далели надодани чиптаро аз бетаваҷҷуҳии харидорон нисбат ба чипта медонанд: "Онҳо чипта талаб намекунанд ва ё нисбати чипта беаҳамиятӣ зоҳир менамоянд".

Аммо сокини шаҳри Душанбе Шервон Акрамов мегӯяд, ки вақте харид мекунад, ҳама вақт чиптаро талаб карда мегирад. Ба андешаи ӯ, омили надодани чипта аз мошинҳои назоратӣ-хазинавӣ ба харидор дар огоҳ набудани ҳам фурӯшандаҳо ва ҳам харидорон аз фарҳанги андозсупорӣ аст. Сабаби дигараш шояд пинҳон доштани андоз бошад. Вақте ки фурӯшанда чипта медиҳад, дар мошини назоратӣ-хазинавӣ сабт мегардад ва он ҳисоб шуда, дар маҷмӯъ, барои андоз замина фароҳам мекунад.

- Дар Тоҷикистон фурӯшандаҳо фақат дар марказҳои савдои бонуфуз ба харидорон аз мошини назоратӣ-хазинавӣ чипта медиҳанд, - мегӯяд Ш. Акрамов. - Дар марказҳои савдои хурд, бозорҳо ё фурӯшгоҳҳо шахсан ман додани чиптаро аз сӯи фурӯшанда ба харидор надидаам. Барои ҳамин камина бисёр вақт аз мағозаҳое, ки чипта медиҳанд, харидорӣ мекунам.

Бо мақсади тақвият бахшидан ба гузаронидани корҳои назоратӣ мақомоти ҳудудии андоз вазифадор шудаанд, ки бо риояи талаботи муқарраротҳои Кодекси андоз ва мактубҳои супоришии Кумитаи андоз дар фаъолияти андозсупорандагон хариди назоратӣ гузаронанд, то ки камбудиҳои дар ин самт ҷойдошта ислоҳ ва самаранокии фаъолият беҳтар карда шавад. Инчунин, соҳибкорони зарур аст, ки ҳатман аз МНХ-и дорои ТИЭ истифода намоянд ва ҳаргиз ба қонуншиканиҳои андоз роҳ надиҳанд.

**Мазҳаб ҶУМЪА**

# Тартиб додани санади муқоисавӣ

**Тибқи талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон андозсупорандагон уҳдадоранд, ки доир ба фаъолияти хеш санади муқоисавӣ тартиб диҳанд. Мақсад аз тартиб додани санади муқоисавӣ, пеш аз ҳама, муайян намудани дурустии уҳдадориҳои андозсупоранда дар назди буҷет ба ҳисоб меравад.**

Санади муқоисавӣ нисбати андозсупорандагони дар низоми умумии андозбандӣ фаъолиятдошта на кам аз як маротиба дар се моҳ, бо андозсупорандагони тибқи низоми содакардашуда фаъолиятдошта ва хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ на кам аз як маротиба дар шаш моҳ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда на кам аз як маротиба дар як сол тартиб дода мешавад.

Тавре муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид иттилоъ дод, дар соли 2019 аз 42542 андозсупорандаи шаҳри Душанбе бо 12575 адади он ҳисоббаробаркуниҳо анҷом дода шудааст, ки аз ин ҳисоб қарзи андозсупорандагон ба маблағи 9820,1 ҳазор сомонӣ ва изофапулиҳо ба маблағи 10387,1 ҳазор сомонӣ кам карда шуданд.

Ба таъкиди мавсуф, ба ҳолати 1 –уми январи соли 2020 аз 7722 шахси ҳуқуқӣ бо 4657 адади он санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудаанд. Дар натиҷаи тартиб додани санади муқоисавӣ аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо 6366,1 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулиҳо 8486,1 ҳазор сомонӣ кам гардидааст. Аз ҷумла, дар ноҳияҳои Шоҳмансур 53,2 фоиз, дар ноҳияи Исмоили Сомонӣ 68,8 фоиз, Фирдавсӣ 53,6 фоиз ва Сино бо 61,8 фоизи андозсупорандагон санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шуданд.

Инчунин, дар ин давра аз 9145 соҳибкори инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунанда бо 4853 адади он санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааст, ки дар натиҷа, аз ҳисоби бақияи қарзи андозҳо 1850,2 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулиҳо 1236,7 ҳазор сомонӣ кам карда шуданд. Аз ҷумла, дар ноҳияи Шоҳмансур бо 51,2 фоиз, Исмоили Сомонӣ бо 81,5 фоиз, Фирдавсӣ бо 45,5 ва Сино бо 71,1 фоизи андозсупорандагон санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шудааанд. Ҳамчунин, дар ин давра аз 20447 соҳибкори инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда бо 14491 андозсупоранда ё бо 70,9 фоизи онҳо санадҳои муқоисавӣ тартиб дода шуда, аз ин ҳисоб бақияи қарзи андозҳо 1609,0 ҳазор сомонӣ ва аз ҳисоби изофапулӣ 665,0 ҳазор сомонӣ кам гардидаст. Санадҳои муқоисавӣ бо соҳибкорони инфиродии тибқи патент амалкунанда дар ноҳияҳои Шоҳмансур 63,9 фоиз, Исмоили Сомонӣ 83,0 фоиз, Фирдавсӣ 61,3 фоиз ва Сино 87,1 фоизро ташкил медиҳад.

О. Муҳаммадсаид илова намуд, ки санҷиши дурустии тартиб додани санадҳои муқоисавӣ дар ноҳияҳои шаҳри Душанбе дарак медиҳад, ки дар ин самт камбудӣ ҳам ҷой дорад. Аз ин рӯ, ҷиҳати пайваста назорат намудани дурустии нишондиҳандаҳои дар ҳисобварақаҳои андозсупорандагон мавҷудбуда, кормандони мақомоти андозро зарур аст, ки ҳангоми тартиб додани санади муқоисавӣ ба дуруст ва пурра дохил намудани маблағи андозҳои ҳисобшуда, ҳамчунин, ҳисобварақаҳои андозсупорандагон аз рӯи эъломияҳои андоз ва қарорҳои аз рӯи натиҷаи санадҳои санҷишии андозсупорандагон ва назорати камералӣ баробардошуда диққати ҷиддӣ диҳанд.

**Ф. ҶОВИД**

# Фарқият дар нишондиҳандаҳо

**Тибқи муқаррароти Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон супорандагони андози ягона, истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзие эътироф мешаванд, ки ба шартҳои қисми 1-и моддаи 298 Кодекси андоз мувофиқат менамоянд. Объекти андозбандии андози ягона қитъаи замини истеҳсолкунандаи маҳсулоти кишоварзӣ, ба истиснои заминҳои аз андози ягона озод, мебошад.**

Ба санаи 1 январи соли 2020 дар ҷумҳурӣ шумораи супорандагони андози ягона 159765 адад (аз ҷумла, 154728 адад хоҷагии деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда ва 5037 адад кооперативи тиҷоратӣ)-ро ташкил додаанд. 146076 адади онҳо ё 94,4 фоизи хоҷагиҳои деҳқонӣ эъломияи андози ягонаро барои соли 2019 ба мақомоти андоз пешниҳод кардаанд ва тафовути шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки эъломияҳои худро пешниҳод накардаанд, 9144 адад ё 5,7 фоиз мебошад.

Нишондиҳандаи рафти пешниҳоди эъломияи андози ягона аз ҷониби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда 8652 адад ё 5,6 фоиз ва аз ҷониби кооперативҳои тиҷоратӣ 492 адад ё 9,8 фоизро ташкил медиҳад. Аз шумораи умумии хоҷагиҳои деҳқоние, ки барои соли 2019 эъломияи андози ягонаи худро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд, 3628 адад ё 5,8 фоиз ба вилояти Суғд, 3824 адад ё 6,0 фоиз ба вилояти Хатлон, 1200 адад ё 4,7 фоиз ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Тавре сардори шуъбаи Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Собирҷон Исоев дар такя ба маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезии Ҷумҳурии Тоҷикистон иттилоъ дод, ба ҳолати 1 январи соли 2020 дар миқёси ҷумҳурӣ шумораи хоҷагиҳои деҳқоние, ки соҳиби Сертификати ҳуқуқи истифодаи замин гаштаанд, дар маҷмӯъ, 185616 ададро ташкил медиҳанд. Аз шумораи зикршуда аз рӯи махзани маълумоти мақомоти андоз то санаи 1 январи соли 2020, ҳамагӣ 160306 адади он бақайдгирии давлатиро гузаштаанд, ки 541 адади он ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 63676 адад ба вилояти Хатлон, 63554 адад ба вилояти Суғд ва 32535 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Муқоисаи маълумоти Кумитаи замин бо маълумоти мақомоти андоз оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ ба санаи 1 январи соли 2020 нишон додааст, ки дар маҷмӯъ, 25310 адад хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз набудаанд. Аз ҷумла, дар ВМКБ 15654 адад, вилояти Хатлон 4211 адад, вилояти Суғд 5052 адад ва шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ, аз ҷумла Роғун 60 адад, Рашт 68 адад, Ҳисор 184 адад, Лахш 144 адад, Нуробод 303 адад, Тоҷикобод 321 адад, Файзобод 11 адад, Варзоб 99 адад ва Сангвор 76 адад хоҷагии деҳқонӣ дар қайди мақомоти андоз нестанд.

Ба гуфтаи Собирҷон Исоев, солҳои охир аз ҳисоби таҷдиди хоҷагиҳои калонҳаҷм ташкил шудани хоҷагиҳои деҳқонӣ бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ босуръат идома ёфта, боиси зиёд шудани шумораи чунин гурӯҳи андозсупорандагон гаштааст, ки он бақайдгирии саривақии онҳоро мураккаб гардонида истодааст.

Аз натиҷаи фаъолияти гурӯҳҳои кории ташкилшудаи мақомоти андоз бармеояд, ки яке аз сабабҳои дигари мавҷуд будани тафовут оид ба шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни маълумоти мақомоти андоз ва Кумитаи давлатии идораи замин, ин ба таври фаврӣ ворид накардани маълумот ба тавозуни замин ё сари вақт аз он хориҷ накардани хоҷагиҳои барҳамхӯрда аз ҷониби мақоми ваколатдор мебошад. Масалан, натиҷаи таҳлил ва корҳои назоратии аз ҷониби мақомоти андоз дар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ гузаронидашуда нишон додааст, ки ҳолатҳои дигари номутобиқатиҳои шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ миёни Кумитаи идораи замини шаҳру ноҳияҳо ва мақомоти андоз дар он аст, ки аз тарафи Кумитаи идораи замини шаҳру ноҳияҳо бо мақсади дуруст кардани нишондиҳандаҳои тавозуни замин, рӯихати хоҷагиҳои деҳқонии таҷдидшуда ё барҳамдодашударо бо нишондоди масоҳатҳои сифрӣ ва масоҳатҳои калон аз қайд набаровардаанд.

Чунончи, хоҷагии деҳқонии "Ситез", воқеъ дар ноҳияи Восеъ, пурра таҷдид ёфта, дар заминаи онҳо хоҷагиҳои деҳқонии алоҳидаи инфиродӣ таъсис дода шудаанд, аммо дар тавозуни пешниҳоднамудаи Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ хоҷагии деҳқонии "Ситез" бо майдони умумии 1173,7 га боқӣ мондааст. Ба ҳамин монанд, хоҷагии деҳқонии "Фозилҷон", воқеъ дар ҷамоати деҳоти ба номи М. Вайсов, пурра таҷдид ёфтааст, вале дар рӯихати тавозуни Кумитаи идораи замини ноҳияи Восеъ то ҳол боқӣ мондааст. Ҳамчунин, қитъаҳои заминҳои дар тавозуни ҶСП "Ҳасан ва С"



тибқи қарори раиси ноҳия аз 17 апрели соли 2017, №270 бекор шуда, қитъаҳои замини мазкур дар айни замон аз ҷониби кооперативи тиҷоратии ба номи "Раҷабалии Гулмурод" таъсис дода шудааст, ки дар тавозуни Кумитаи идораи замини ноҳия номи ҶСП "Ҳасан ва С" бо масоҳати заминаш боқӣ мондааст. Чунин ҳолат дар дигар шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ низ ба назар мерасад.

Собирҷон Исоев гуфт, ки ҳолати дигари пайдо гардидани тафовут дар шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ дар он мебошад, ки дар аксар маврид аз тарафи мақомоти иҷроияи ҳокимияти давлатии ноҳия бо пешниҳоди идораи замин ба хоҷагиҳои деҳқонӣ иловатан аз ҳисоби заминҳои захираҳои давлатӣ ё аз ҳисоби заминҳои якумра ва ё мухлатнок қитъаи замин вобаста шудааст, аммо дар идораи замини ноҳия ду маротиба (такроран) ва дар мақомоти андоз бо як шаҳодатнома ба қайд гирифта шудааст, ки боиси пайдо шудани фарқиятҳо гардидааст.

Чунончи, ба шаҳрванд М. Умаров мувофиқи қарори раиси ноҳияи Восеъ аз 11 апрели соли 2008, №211 ба миқдори 3,01 га барои ташкил кардани хоҷагӣ, ҳамзамон, бо қарори дигар аз 6 июли соли 2014, №415 иловатан ба миқдори 30,0 га замини чарогоҳ ҷудо шудааст. Бояд қайд намуд, ки ба номи шаҳрванди мазкур дар идораи замини ноҳияи Восеъ ба миқдори 2 адад сертификат бо номи хоҷагии деҳқонии "Кароматуллои Шариф" навишта шуда, ду маротиба ба рӯихат гирифта шудааст, аммо дар нозироти андоз танҳо як хоҷагии деҳқонӣ (хоҷагии деҳқонии "Кароматуллои Шариф"), бо шаҳодатномаи соҳибкорӣ барои машғул шудан ба истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ дар қайд мебошад.

Ҳамин гуна ҳолат дар шаҳри Конибодом низ мушоҳида шудааст. Масалан, ба шаҳрванд Шуҳрат Мирзоев тибқи қарори раиси шаҳри Конибодом аз 15 августи соли 2007, №275 барои ташкил намудани хоҷагии деҳқонӣ ба миқдори 2,52 га замин ҷудо гардидааст. Вобаста ба ин, Ш. Мирзоев санаи 29 декабри соли 2008 дар мақомоти андоз ба қайди давлатӣ гирифта шудааст. Ҳамзамон, санаи 19 майи соли 2008, дубора ба ӯ ба миқдори 3,12 га замин ҷудо гардидааст, аммо дар тавозуни идораи замини шаҳри Конибодом 2 адад хоҷагии деҳқонӣ сабт шудааст.

С. Исоев вобаста ба фарқи нишондиҳандаҳои мақомоти андоз бо мақомоти идораи замин гуфт, ки тибқи омӯзишу таҳлилҳо ва хулосаҳои гурӯҳҳои корӣ дар аксар маврид сари вақт дар мақомоти андоз ба қайд нагирифтани хоҷагиҳои деҳқонӣ аз омилҳои зиёде вобастагӣ дорад, ки дар доираи қонунгузории амалкунанда ба қайди давлатӣ гирифтани онҳоро ғайриимкон мегардонад. Аз ҷумла:

- *бе хабардошти шаҳрвандон аз ҷониби Маркази кадастрӣ тақсим намудан ва ба номи онҳо додани сертификатҳои ҳуқуқи истифодаи замин;*
- *даст кашидани шаҳрвандон аз истифодаи қитъаи замини вобастшуда, аммо дар маълумоти Кумитаи давлатии идораи замин ва геодезӣ ҳамчун амалкунанда дарҷ шудани онҳо;*
- *мутобиқат накардани ному насаби дар сертификати ҳуқуқи истифодаи замин дарҷгардида бо ному насаб дар шиносномa;*
- *дар муҳоҷирати меҳнатӣ будани роҳбар ва саҳмдорони хоҷагӣ;*
- *номуайян будани қитъаи замини ҷудошуда;*
- *ба номи як шаҳрванд ташкил намудани якчанд хоҷагии деҳқонӣ;*
- *вафот кардани роҳбар ё саҳмдорони хоҷагӣ, аммо ба расмият надаровардани ҳолати бамиёномада.*

Тавре аз натиҷаи корҳои таҳлилию назоратии мақомоти андоз бармеояд, бо дарназардошти зиёд будани шумораи хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда масъалаи пурра ба андозбандӣ ҷалб намудани хоҷагиҳои деҳқонӣ, аз мадди назари мақомоти ҳудудии андоз дур монда, аксаран хоҷагиҳои деҳқонӣ даромадҳои андозбандишавандаи худро ҳангоми коркард, ба иҷора додани қитъаҳои замини кишоварзӣ ё ҳангоми гирифтани дигар даромадҳо, пурра дар эъломияи андозӣ нишон намедиҳанд ва дар ҳолати дигар ба мақомоти андоз эъломияҳои андозии худро пешниҳод намекунанд.

Чунончи, натиҷаи таҳлилҳои анҷомдодашуда нишон додаанд, ки новобаста аз зиёд гардидани шумора ва маблағи воридоти андозҳо аз ҳисоби хоҷагиҳои деҳқонии бе таъсиси шахси ҳуқуқӣ фаъолияткунанда дар як қатор шаҳру ноҳияҳо камшавии маблағи воридоти андозҳо ба назар мерасад. Аз ҷумла, камшавии маблағи андозҳо дар шаҳру ноҳияҳои Қубодиён (408,1 ҳазор сомонӣ), Панҷ (1637,4 ҳазор сомонӣ), Шаҳритуз (646,0 ҳазор сомонӣ), Носири Хусрав (138,2 ҳазор сомонӣ), Левакант (36,4 ҳазор сомонӣ), Муъминобод (456,1 ҳазор сомонӣ), Ҳамадонӣ (55,7 ҳазор сомонӣ), Ховалинг (113,7 ҳазор сомонӣ), Панҷакент (140,3 ҳазор сомонӣ), Ашт (1054,5 ҳазор сомонӣ), Ваҳдат (428,5 ҳазор сомонӣ) ва Ҳисор (55,0 ҳазор сомонӣ) ба назар мерасад.

Сабабҳои камшавии воридоти андозҳоро Собирҷон Исоев, аз як тараф дар таҷдиди хоҷагиҳо ва аз тарафи дигар сари вақт ба андозбандӣ ҷалб накардан, ба роҳ намондани назорати лозима ва нарӯёнидани маблағи қарзи хоҷагиҳои таҷдидгашта аз ҷониби нозиротҳои андози номбурда маънидод кард.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида

**Дар шаҳри Хуҷанд бо андозсупорандагон ва кормандони нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои Хуҷанд, Бобоҷон Ғафуров, Бӯстон ва Гулистон семинар-машварат баргузор гардид. Семинар-машварат таҳти раёсати муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Н.С. Маликзода сурат гирифт, ки дар он роҳбарият, кормандони Раёсати андоз дар вилояти Суғд ва мақомоти ҳудудии андоз ширкат доштанд. Рӯзномаи семинар–машварат аз масъалаҳои гузаронидани корҳои фаҳмондадиҳӣ дар бораи тартиби пешниҳоди эъломияи андоз аз фоида барои соли 2019 ва дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии хароҷоти тарҳшаванда дар эъломияи андоз аз фоида, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 02.01.2020 таҳти №1676» иборат буд.**

Семинар-машваратро муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Нарзулло Маликзода оғоз намуда, қайд кард, ки яке аз самтҳои муҳими фаъолияти мақомоти андоз ин такмил ва беҳтар намудани сифати хизматрасонӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои электронӣ ба шаҳрвандон ва андозсупорандагон ба ҳисоб меравад. Бинобар ин, аз ҷониби Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади такмил додани барномаҳои компютерии Системаи иттилоотии андоз ва ба ин васила беҳтар намудани сифати хизматрасонии электронии мақомоти андоз барои андозсупорандагон пайваста тадбирҳо андешида мешаванд. Номбурда иштирокдорони семинар-машваратро бо фармоишҳои Раиси Кумитаи андоз аз 27-уми декабри соли 2019, №565 "Дар бораи тартиби дар мақомоти андоз ба таври автоматӣ қабул намудани эъломияи андоз аз фоида" ва аз 3-юми январи соли 2020 "Оид ба дуруст ба роҳ мондани маъмурикунонии хароҷоти тарҳшаванда дар эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон" шинос намуда, таъкид дошт, ки эъломияи андоз аз фоидаи шахсони ҳуқуқӣ барои соли 2019 ва давраҳои минбаъда дар мақомоти андоз бе баррасии пешакӣ ба таври электронӣ қабул карда мешавад. Эъломияи андоз аз фоида дар шакли электронӣ дар асоси нишондиҳандаҳои модулҳои Барномаи компютерии Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳои Кумитаи андоз ва замимаҳои алоҳида, ки аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ ба воситаи модулҳои алоҳидаи компютерӣ пешниҳод карда мешавад, аз санаи 1-уми апрели баъди соли ҳисоботии дахлдор ташаккул дода мешавад. Вобаста ба ин, аз сармуҳосибон ва намояндагони корхонаву ташкилоте, ки дар семинар-машварат иштирок доштанд, талаб карда шуд, ки маълумотро дар асоси Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи баҳисобгирии муҳосибӣ" дар Барномаи компютерӣ дуруст инъикос намоянд.

Ҳамзамон, қайд карда шуд, ки дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андоз, аз 3-юми январи соли 2020, №3 ҳангоми тартиб додани эъломияи андоз аз фоида барои соли 2019, тибқи замимаи №7 ба андозсупорандагон имконият дода шудааст, ки хароҷоти бе ҳуҷҷати тасдиқкунанда воқеан анҷомдодашударо вобаста ба хариди мол, иҷрои кор ва хизматрасонӣ ба андозаи 20 фоиз аз маҷмӯи умумии хароҷоти тарҳшаванда, ба инобат гиранд.

Н. Маликзода, ҳамчунин, оид ба тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон" аз 02.01.2020, №1676 аз ҷумла доир ба моддаҳои 3,17,17/1,18,19 оид ба имтиёзҳо ба шахсони воқеӣ, утоқи шахсии андозсупоранда, уҳдадории андозсупоранда дар бораи тартиб додани санади муқоисавӣ дар мӯҳлатҳои муқарраршуда, инчунин, оид ба тағйирот ба моддаҳои 109,114,183,290,291,296 Кодекси андоз маълумот дод.

Зикр шуд, ки тибқи тағйирот дар моддаи 183 Кодекси андоз, супорандагони андоз аз арзиши иловашуда, ки бо фаъолияти савдо, маҳсулоттайёркунӣ, таъминоту фурӯш (минбаъд фаъолияти савдо) машғул мебошанд, минбаъд аз 8-уми феврали соли 2020 баҳисобгирии андоз аз арзиши иловашударо вобаста ба хариди мол тибқи тартиби муайяншуда танҳо дар лаҳзаи фурӯши мол, амалӣ карда метавонанд. Бо мақсади дуруст мавриди амал қарор додани муқаррароти қисми 9 моддаи 183 Кодекси андоз, чунин супорандагони ААИ вазифадор мебошанд, ки маблағи бақияи моли дар анборбударо мутобиқ бо ҳисобдории муҳосибӣ ба санаи 01.02.2020 муайян ва маблағи ААИ, ки аз ин ҳисоб қаблан ба ҳисоб гирифта шуда буданд, бекор кунанд ва тасҳеҳоти дахлдорро бо эъломияи иловагӣ ба мақомоти андоз пешниҳод намоянд.

Ба инобат гирифта шавад, ки мутобиқ ба талаботи моддаи 157 Кодекси андоз супорандагони андоз аз фоида уҳдадоранд пардохти ҷории ҳармоҳаро (ҳар семоҳаро) ба буҷет на дертар аз санаи 15-уми моҳе, ки баъд аз моҳи (семоҳаи) ҳисоботӣ фаро мерасад, анҷом диҳанд.

Соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандае, ки даромади умумиашон дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасилӣ (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз ҳадди даромад бештар гардидааст, уҳдадоранд ба низоми умумии андозбандӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ гузаранд. Бо мақсади андозбандӣ баъди пурра пардохт кардани уҳдадориҳои андоз дигар уҳдадориҳои чунин соҳибкорони инфиродӣ ба шахси ҳуқуқии мазкур мегузаранд. Вобаста ба ин, қайд карда шуд, ки дар асоси тағйиру иловаҳо ба Кодекси андоз минбаъд ҳангоми қатъи фаъолияти соҳибкорони инфиродие, ки ҳуқуқи гузариш ба низоми умумии андозбандиро доранд, санҷишҳои ғайринақшавии маҷмӯӣ ё мавзӯӣ гузаронида намешаванд.

Оид ба моддаи 291 қайд шуд, ки андозсупорандагон ҳуқуқ доранд ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт намоянд. Агар ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ тибқи шакли муқарраргардида дар мӯҳлатҳои зерин ариза пешниҳод намоянд:

1) андозсупорандагони навтаъсис – дар давоми 5 рӯзи корӣ, пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ;

2) андозсупорандагони амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ.

Дар охир сардори Раёсати андоз дар вилояти Суғд А. Воҳидов барои иштироки фаъолона ба иштирокчиёни семинар-машварат изҳори сипос намуд.

**Т. ШАРИФӢ**

# Андоз аз фоида: воридот ва мушкилоти он

## Тибқи тартиби нав эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2019 ва давраҳои минбаъда дар мақомоти андоз ба таври электронӣ бе баррасии пешакӣ қабул карда мешаванд.

Новобаста аз барзиёд иҷро гардидани нақшаи андози фоида, мутаассифона, дар давоми соли гузашта 11 шаҳру ноҳия аз уҳдаи иҷрои ҷамъоварии нақшаи ин намуди андоз баромада натавонистанд, ки аз ин ҳисоб ба буҷети давлатӣ 73,0 млн. сомонӣ маблағ ворид нагардид. Аз ҷумла, иҷрои нақшаи андоз аз фоида дар шаҳру ноҳияҳои Бохтар 67%, Ёвон 60%, Конибодом 90%, Хуҷанд 97%, Панҷакент 78%, Истаравшан 91%, Айнӣ 91%, Ҷаббор Расулов 88%, Бобоҷон Ғафуров 76%, Роғун 68,% ва Варзоб 92%-ро ташкил медиҳад.

Натиҷаи таҳлилу омӯзишҳо нишон медиҳад, ки то имрӯз аз 4519 адад шумораи умумии супорандагони андоз аз фоида ҳамагӣ 4134 адад (91,5 фоиз) аз натиҷаи фаъолияти молиявии соли 2018 эъломияи солонаи андоз аз фоидаро ба мақомоти андоз пешниҳод намудаанду халос.

Баррасии ҳолати эъломияҳои андоз аз фоидаи барои соли 2018 пешниҳодшуда нишон медиҳанд, ки аз 4134 адад эъломияи қабулшуда, дар 3363 адад (81,3 фоиз) субъектҳои хоҷагидор фаъолияти худро бо гирифтани фоида ҷамъбаст намуда, фоидаи бадастовардаи онҳо 7 млрд. 355,0 млн. сомониро ташкил намудааст. Боиси нигаронист, ки то ба имрӯз 385 адад супорандаи андоз аз фоида эъломияи андоз ва ҳисоботи муҳосибӣ барои соли 2018-ро ба мақомоти андоз пешниҳод накардаанд. Аз ин шумора 10 адад ба Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон, 89 адад ба вилояти Хатлон, 104 адад ба вилояти Суғд, 138 адад ба шаҳри Душанбе ва 40 адад ба шаҳру ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ рост меояд.

Хотиррасон менамоем, ки дар асоси тартиби қаблии таҳия, пешниҳод ва қабули эъломияи андоз аз фоида, ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андоз аз 3 январи соли 2017, №2 тасдиқ гардида буд, андозсупорандагон эъломияи андоз аз фоидаро ба мақомоти андоз барои баррасӣ пешниҳод менамоянд ва танҳо пас аз баррасӣ ва қабули эъломия аз ҷониби шахсони мутасаддӣ, нишондиҳандаҳои эъломия дар варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон дарҷ карда мешуд. Бояд гуфт, ки тартиби мазкур барои таъмини иҷрои нақшаи ин намуди андоз мусоидат карда бошад ҳам, аммо ҳангоми қабули эъломияи андоз аз фоида боиси аз ҷониби баъзе аз кормандони мақомоти андоз роҳ додан ба кашолкорӣ ва ба миён омадани норозигӣ гардид.

Аз ин лиҳоз, ҷиҳати боз ҳам беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз фоида ва аз байн бурдани баҳсҳои беасос, дар асоси Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27.12.2019, №565 Тартиби дар мақомоти андоз ба таври автоматӣ қабул намудани эъломияи андоз аз фоида ба роҳ монда шуд.

Мақсади асосии ба роҳ мондани тартиби нави қабули эъломияи андоз аз фоида, пеш аз ҳама, баланд бардоштани сатҳи хизматрасонӣ ба андозсупорандагон, инчунин, мусоидат намудан ба пурра пешниҳод гардидани эъломияи андоз аз фоида, дуруст ба ҳисоб гирифтани хароҷоти тарҳшаванда дар эъломияи андоз аз фоида ва дарёфти манбаъҳои иловагии андоз ба шумор меравад.

Ёдовар мешавем, ки тибқи тартиби нав эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2019 ва давраҳои минбаъда дар мақомоти андоз ба таври электронӣ бе баррасии пешакӣ қабул карда мешаванд.

Ҳангоми аз ҷониби шахсони ҳуқуқӣ пешниҳод нагардидани замимаҳои алоҳида, ки бо Фармоиши номбурда тасдиқ карда шудаанд, аз ҷониби Кумитаи андоз дар асоси маълумоти дар Системаи муттаҳидаи иттилоотии идоракунии андозҳо ҷойдошта эъломияи андоз аз фоида дар шакли электронӣ ташаккул дода шуда, маблағи андоз аз фоида ва андоз аз суди саҳмияҳо тибқи муқаррароти Кодекси андоз дар варақаи ҳисоббаробаркунии андозсупорандагон ба таври автоматӣ дарҷ карда мешаванд.

Инчунин, тартиби мазкур ба мақомоти андоз имконият медиҳад, ки бе даъвати андозсупоранда маълумоти заруриро оид ба фаъолияти он, аз махзани маълумоти барномаи компютерӣ дастрас намуда, барои пешгирии ҳама гуна қонуншиканӣ дар самти дуруст ҳисоб ва пардохт кардани маблағи андоз аз фоида корҳои назоратиро амалӣ намоянд.

Қайд кардан бамаврид аст, ки маълумот дар бораи замимаҳо, ки аз ҷониби субъектҳои хоҷагидор ба Кумитаи андоз ба тариқи электронӣ пешниҳод карда мешаванд, ҷиҳати пурра ва дуруст ба андозбандӣ ҷалб намудани даромади субъектҳо замина фароҳам меорад.

Таҳлилу омӯзишҳо гувоҳӣ медиҳанд, ки барои беҳтар намудани маъмурикунонии андоз аз фоида ва мутаносибан афзун намудани ҳаҷми воридоти маблағҳо аз ин ҳисоб ҳоло ҳам имкониятҳои зиёд вуҷуд доранд. Бо дарназардошти дар марҳалаи қабули эъломияи андоз аз фоидаи андозсупорандагон барои соли 2019 қарор доштан мақомоти ҳудудии андозро зарур аст, ки аз чунин имкониятҳо самаранок истифода намоянд.

Бояд гуфт, ки андоз аз фоида яке аз андозҳои ташаккулдиҳандаи буҷет ба ҳисоб меравад. Иҷрои нақшаи андоз аз фоида тайи солҳои охир агарчи беҳтар шуда бошад ҳам, аммо ҳанӯз доир ба маъмурикунонии андоз аз фоида мушкилоти зиёд ба назар мерасанд.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

# Молу мулки ғайриманқул чӣ?

**Чанде аз шаҳрвандон ба идораи рӯзномаи “Боҷу хироҷ” тамос гирифта, хоҳиш кардаанд, ки оид ба андозҳо аз молу мулки ғайриманқул, аз ҷумла андози замин, меъёри андоз, тартиби ҳисоб ва пардохти он маълумот диҳем. Аз ин хотир, перомуни мавзӯи мазкур суҳбате доштем бо сармутахассиси Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шариф Набиев, ки онро пешкаши хонандагон мегардонем.**

## СУБЪЕКТ ВА ОБЪЕКТИ АНДОЗҲО АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**- Шариф Маҷидович, нахуст мегуфтед, ки ба молу мулки ғайриманқул чиҳо дохил мешаванд?**

- Аслан, молу мулки ғайриманқул гуфта, объектҳое дар назар дошта шудааст, ки ба замин мустаҳкам буда, ҷойивазкунии он бе расонидани зарари моддӣ ғайриимкон аст. Ба андозҳо аз молу мулки ғайриманқул андози замин ва андоз барои объектҳои ғайриманқул дохил мешаванд.

**- Киҳо супорандагони андози замин маҳсуб мешаванд?**

- Тибқи моддаи 270 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон заминистифодабарандагоне, ки қитъаҳои замин ба онҳо барои истифодаи якумраи меросӣ, бемуҳлат, муҳлатнок ё ба иҷора дода шудаанд, ё заминистифодабарандагони воқеан қитъаҳои заминро истифодабаранда, ба истиснои заминистифодабарандагоне, ки шартҳои низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзиро иҷро мекунанд, супорандагони андози замин ба ҳисоб мераванд. Инчунин, ба андозсупорандагони замин истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ, ки ба низоми умумии андозбандӣ гузаштаанд ва (ё) истифодабарандагони заминҳое, ки бо андози ягона андозбандӣ намешаванд ва шахсони истифодабарандаи низоми махсус ё имтиёзноки андоз, агар дар асоси чунин низомҳо озодкунӣ аз андози замин пешбинӣ нагардида бошад, дохил мешаванд.

Супорандагони андоз аз объектҳои ғайриманқул соҳиб ё истифодабарандаи объектҳои ғайриманқул, ки объекти андозбандӣ мебошанд, ба шумор мераванд.

**- Объекти андозбандии ин намуди андоз кадом аст?**

- Объекти андозбандии андози замин заминҳои маҳаллҳои аҳолинишин, берун аз он бо дарназардошти сифат, баҳои кадастрии замин, таъиноти истифодабарӣ ва хусусиятҳои экологии қитъаи замин мебошанд, ки мансубияти онҳоро қонунгузории замини Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян мекунад.

**- Андози замин дар кадом асос муайян карда мешавад?**

- Асос барои муайян намудани андози замин ин ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замини (ҳуҷҷатҳои кадастри замини) заминистифодабаранда ё истифодабарии воқеии замин мебошад. Агар масоҳати замини амалан истифодашаванда назар ба масоҳати замини бо ҳуҷҷатҳои кадастри замини андозсупоранда мутобиқшуда зиёд бошад, барои мақсадҳои андозбандӣ масоҳати замини амалан истифодашаванда қабул карда мешавад.

## МАНБАЪ ВА МЕЪЁРИ АНДОЗҲО АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**- Пас манбаи андоз кадом аст?**

- Манбаи андоз барои ҳисоб кардани андози замин масоҳати қитъаи замини дар ҳуҷҷатҳои тасдиқкунандаи ҳуқуқи истифодаи замин пешбинигардида ё масоҳати қитъаи замине, ки истифодабаранда амалан истифода мекунад (дар ихтиёр дорад), ба истиснои заминҳои аз пардохти андоз озодшуда, мебошад. Ба масоҳати андозбандишаванда ҳамаи заминҳои вобасташуда, аз ҷумла заминҳои зери биноҳо, иншоот, қитъаҳои замине, ки барои нигоҳдории онҳо заруранд, объектҳои минтақаҳои санитарии муҳофизатӣ, минтақаҳои техникӣ ва ғайра дохил мешаванд.

**- Меъёрҳои андози замин чӣ хел муқаррар мешаванд?**

- Меъёрҳои андоз аз як гектари замин дар миқёси вилоятҳо ва шаҳрҳо (ноҳияҳо) бо дарназардошти минтақаҳои кадастрӣ ва намудҳои замин, аз ҷумла заминҳои маҳаллҳои аҳолинишин, заминҳои зери ҷангалзор ва буттазорҳои маҳаллҳои аҳолинишин ва заминҳои истифодаи кишоварзӣ ҳар 5 сол бо пешниҳоди мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар карда мешаванд.

## ТАРТИБИ ҲИСОБ ВА ТАҒЙИРИ МЕЪЁРИ АНДОЗ

**- Маблағи андоз бо кадом тартиб ҳисоб карда мешавад?**

- Ҳисоб намудани маблағи андоз аз қитъаҳои заминҳои наздиҳавлигӣ вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи он, ки ба истифодабарандаи замин вобаста карда шудааст, бо тартиби зайл муайян карда мешавад:

а) то 800 метри мураббаъ – тибқи меъёрҳои муқарраргардида;

б) зиёда аз 800 метри мураббаъ то 2000 метри мураббаъ – маблағи андоз, ки тибқи зербанди а) ҳамин банд ҳисоб шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри дукаратаи андоз ҳисобшуда, барои майдоне, ки аз 800 метри мураббаъ зиёд аст;

в) беш аз 2000 метри мураббаъ – маблағи андозе, ки тибқи зербанди б) ҳамин банд ҳисоб карда шудааст, ҷамъи маблағи бо дарназардошти меъёри панҷкаратаи андоз ҳисобшуда барои майдоне, ки аз 2000 метри мураббаъ зиёд аст.

Масалан, меъёрҳои муқарраршудаи андози замини наздиҳавлигӣ дар ноҳияи Шоҳмансур барои соли 2020 ба андозаи 1089,03 сомонӣ барои 1 гектар ва муттаносибан ба як метри мураббаъ 0,108 сомонӣ баробар мебошад. Дар мавриди 600 метри мураббаъ будани қитъаи замини наздиҳавлигӣ андози замин ба тариқи зайл ҳисоб карда мешавад: 600*0,108=63,34 сомонӣ

Тибқи талаботи моддаи 279 Кодекси андоз объектҳои ғайриманқул вобаста ба таъиноти истифодабарӣ, масоҳати ишғолнамуда ва мақсади истифодабарии он бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти танзимкунанда дар миқёси шаҳру ноҳияҳо муайян карда мешавад.

Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ (гараж, сарой, ҳаммом ва дигар биноҳои ёридиҳанда), ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, ба сифати манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад.

Мисол, барои объекти ғайриманқуле, ки дар шаҳри Душанбе воқеъ бошаду масоҳати бинои истиқоматии он 200 метри мураббаъ, бинои ошхонаи он 80 метри мараббаъ ва масоҳати ҳаммомаш ба 120 метри мураббаъ баробар бошад, андози он бо тарзи зерин ҳисоб карда мешавад:

1) (120 м²+80 м²) / 2 =100 м²

2) 200 м²+100 м²=300 м²

3) 300 м²-90 м²=210 м²

4) 90 м². х 58 (нишондиҳанда барои ҳисобҳо) х 3% (меъёри андоз) = 156,6 сомонӣ

5)210 м². х 58 (нишондиҳанда барои ҳисобҳо) х 4% (меъёри андоз) = 487,2 сомонӣ

6) 156,6+487,2=643,8 х 1 (коэффитсиенти минтақавӣ) =643,8 сомонӣ

Ёдовар мешавем, ки шаҳрвандон ва андозсупорандагон оид ба меъёрҳои андози замин дар дигар шаҳру ноҳияҳои кишвар аз сомонаи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд маълумоти пурра бигиранд.

**- Оё меъёри андози замин метавонад тағйир ёбад?**

- Бале, тағйир меёбад. Кумитаи андоз ҳар сол меъёрҳои андози заминро мутобиқи сатҳи таваррум дар соли гузаштаи андоз, ки аз ҷониби мақоми ваколатдор дар соҳаи омор муайян карда мешавад, индексатсия менамояд. Яъне меъёри андози замин барои қитъаҳои наздиҳавлигӣ метавонад ҳар сол тағйир ёбад.

## ЗАМИНҲОЕ, КИ АЗ ПАРДОХТИ АНДОЗ ОЗОДАНД

**- Чиҳо аз пардохти андоз озод ҳастанд?**

- Мувофиқи муқаррароти моддаи 278 Кодекси андоз, инҳо аз пардохти андоз озод ҳастанд:

- ҳудуди мамнӯъгоҳҳо, боғҳои миллӣ ва дендрологӣ, ботаникӣ мутобиқи номгӯи чунин ташкилотҳо ва масоҳати ҳудудҳои онҳо, ки аз ҷониби Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар гардидааст;

- заминҳое, ки муассисаҳои давлатӣ барои татбиқи мақсад, вазифа ва амалҳои дар ҳуҷҷатҳои таъсисии чунин муассисаҳо дарҷгардида, истифода мекунанд, ба истиснои заминҳое, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ дода (истифода) шудаанд;

- замини ташкилотҳое, ки дар онҳо биноҳои истифодабарандаи онҳо воқеъ гардида, аз ҷониби давлат ҳамчун ёдгориҳои таърихӣ, фарҳангӣ ва меъморӣ ҳифз карда мешаванд, тибқи номгӯи ташкилотҳо ва мутобиқи андозаи замине, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муқаррар намудааст;

- заминҳои барои истифода гирифташуда, ки мутобиқи хулосаи мақоми ваколатдори давлатӣ оид ба заминсозӣ дар мувофиқа бо мақоми ваколатдори давлатӣ вайроншуда (рекултиватсия талабкунанда) эътироф шудаанд ва заминҳое, ки дар зинаи азхудкунии кишоварзӣ мебошанд, дар давоми 5 сол баъди гирифтани (оғози азхудкунии) чунин заминҳо;

- заминҳое, ки таҳти хати мушоҳида дар тӯли сарҳади давлатӣ қарор дошта, ба мақсадҳои дигар истифода намешаванд;

- заминҳои истифодаи умумии маҳаллҳои аҳолинишин ва хоҷагиҳои коммуналӣ, аз ҷумла ташкилотҳои динӣ, қабристонҳо, агар дар чунин заминҳо фаъолияти соҳибкорӣ анҷом дода нашавад;



- заминҳои захираи озоди давлатӣ, инчунин, заминҳое, ки дар зери пиряххо, ярчҳо, дарёҳо ва кӯлҳо воқеъ мебошанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳои ташкилотҳое, ки на камтар аз 50 фоизи кормандони онҳоро маъюбон ташкил медиҳанд;

# гуна андозбандӣ мегардад?

- заминҳои тахти роҳҳои автомобилгарди истифодаи умум ва роҳи оҳан, инчунин заминҳои тахти объектҳои давлатии интиқоли барқ, обтаъминкунӣ ва иншооти обии давлатӣ қарордошта, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- заминҳое, ки барои таъмини мудофиа ва амнияти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи ҷойгиркунии онҳо ва масоҳати муқаррарнамудаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дода шудаанд, агар дар онҳо фаъолияти соҳибкорӣ амалӣ карда нашавад;

- як қитъаи замини наздиҳавлигӣ ва қитъаи замине, ки барои сохтмони манзил ба ҷанговарони интернатсионалист, иштирокчиёни Ҷанги Бузурги Ватанӣ ва шахсони ба онҳо баробаркардашуда ҷудо гардидаанд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигие, ки ба муҳоҷирони аз дигар ноҳияҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон барои зисти доимӣ ба ноҳияҳои муайянкардаи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон омада ҷудо карда шудаанд, дар давоми 3 сол баъд аз ҷудо намудани чунин заминҳо;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил ба муаллимони дар муассисаҳои таҳсилоти ҳамагонӣ ва духтурони дар муассисаҳои тиббии деҳот коркунанда ҷудо карда шудаанд, дар давраи кори онҳо дар чунин муассисаҳо;

- заминҳое, ки бевосита барои мақсадҳои илмӣ ва таълимӣ, инчунин озмоиши навъҳои зироатҳои кишоварзӣ, дарахтҳои ороишӣ ва мевадиҳанда аз ҷониби ташкилотҳои илмӣ, хоҷагиҳои таҷрибавӣ ва илмию озмоишӣ, муассисаҳои илмию таҳқиқотӣ ва муассисаҳои таълимии самтҳои кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал тибқи масоҳати замин ва мутобиқи номгӯи истифодабарандагони замин, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян менамояд, истифода мегарданд;

- қитъаҳои замини наздиҳавлигӣ ва заминҳое, ки барои сохтмони манзил дар ҳолати мавҷуд набудани аъзои оилаи қобили меҳнат ба ҳамаи гурӯҳи маъюбони бекор ҷудо карда шудаанд;

- замини чарогоҳҳо, алафзорҳо, бешаҳо ва дигар заминҳои қаблан дар соҳаи истеҳсоли маҳсулоти кишоварзӣ истифоданашаванда, ки барои бунёди боғҳо ва токзорҳо истифода мешаванд, - дар давоми 5 сол аз соли оғози бунёди ин боғҳо ва токзорҳо.

**- Чиҳо объекти андозбандии ин намуди андоз ҳастанд?**

- Объектҳои андозбандӣ иморатҳо, хонаҳои истиқоматӣ, биноҳо, бӯстонсаройҳо, гаражҳо ва дигар биною иморатҳои дар ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистон воқеъбуда, инчунин, объектҳои сохтмонашон нотамом аз лаҳзаи зиндагонӣ кардан, истифода кардан (минбаъд – объектҳои ғайриманқул) мебошанд.

Ба объектҳои ғайриманқул, инчунин, контейнерҳо, систернаҳо, дӯконҳо, шипангҳо (навесҳо), вагонҳо ва дигар объектҳое дохил мешаванд, ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода шуда, дар давоми на камтар аз 3 моҳ дар ҳар соли тақвимӣ дар маҳалли амалӣ намудани фаъолияти соҳибкорӣ беҳаракат ҷойгир карда шудаанд.



**- Манбаи ин намуди андозро ҳам мегуфтед...**

- Манбаи андоз аз объекти ғайриманқул ин масоҳати умумии ишғолнамудаи объект, аз ҷумла масоҳати ҳар як ошёнаи бинои бисёрошёна мебошад. Барои таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳо, ки баландии онҳо ба ҳисоби миёна зиёда аз 2 метр мебошад, ҳамчун манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад. Бояд гуфт, ки ба манбаи андоз таҳхонаҳо ва болохонаҳои биноҳои истиқоматӣ, ки барои фаъолияти соҳибкорӣ истифода карда намешаванд, дохил намегарданд.

Барои биноҳои ёрирасони шахсони воқеӣ (гаражҳо, саройҳо ва дигар биноҳои ёридиҳанда), ки дар фаъолияти соҳибкорӣ истифода намешаванд, ба сифати манбаи андоз 50 фоизи масоҳати ишғолнамудаи онҳо гирифта мешавад.

## МЕЪЁР ВА ҲИСОБУ ПАРДОХТИ АНДОЗ АЗ ОБЪЕКТҲОИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**- Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул чӣ гуна муайян карда мешавад?**

- Меъёри андоз аз объектҳои ғайриманқул вобаста ба масоҳати ишғолнамудаи объекти молу мулки ғайриманқул ва мақсади истифодабарии он бо фоиз аз рӯи нишондиҳанда барои ҳисобҳо бо коэффитсиенти минтақавӣ дар миқёси шаҳру ноҳияҳо муайян карда мешавад:

- барои объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда, инчунин, биноҳои ёрирасони онҳо то 90 метри мураббаъ- ба андозаи 3 фоиз;

- барои масоҳати боқимондаи объектҳои ғайриманқули ба сифати биноҳои (ҳуҷраҳои) истиқоматӣ истифодашаванда, инчунин, биноҳои ёрирасони онҳо зиёда аз 90 метри мураббаъ- ба андозаи 4 фоиз;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашаванда то 250 метри мураббаъ – ба андозаи 12,75 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ба андозаи дукаратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани фаъолияти савдо, ташкили нуқтаҳои хӯроки умумӣ, дигар намуди хизматрасонӣ ва иҷрои корҳо истифодашавандаи масоҳати боқимондаашон зиёда аз 250 метри мураббаъ – ба андозаи 15 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ба андозаи дукаратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият истифодашаванда то 200 метри мураббаъ – ба андозаи 9 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ба андозаи дукаратаи меъёри мазкур;

- барои объектҳои ғайриманқул оид ба амалӣ намудани дигар намуди фаъолият истифодашавандаи масоҳати боқимондаашон зиёда аз 200 метри мураббаъ – ба андозаи 12 фоиз, барои шаҳрҳои Душанбе, Хуҷанд, Бохтар ва Кӯлоб ба андозаи дукаратаи меъёри мазкур.

- Аз рӯи объектҳои ғайриманқуле, ки дар минтақаҳои рушди сайёҳӣ ва истироҳат ҷойгир мебошанд, меъёрҳои андоз ба андозаи дукаратаи меъёрҳое, ки дар қисмҳои 2 ва 3 ҳамин модда пешбинӣ шудаанд, муқаррар карда мешаванд.

**- Ҳисобу пардохти андози мазкур бо кадом тартиб ҷараён мегирад?**

- Тибқи муқаррароти моддаи 281 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон, андозсупорандагон, ба истисноӣ шахсони воқеие, ки молу мулки ғайриманқули андозбандишавандаро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунанд, ҳар сол на дертар аз 1-уми марти соли ҷорӣ ба мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқули худ ҳисоби маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқулро (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои молу мулк), ки бояд дар соли ҷорӣ супоранд, пешниҳод менамоянд. Шакл ва тартиби пешниҳоди ҳисоботи номбурдаро мақоми ваколатдори давлатӣ муқаррар менамояд.

Ҳисоби маблағҳои андозҳои пардохтшаванда аз молу мулки ғайриманқули (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) шахсони воқеӣ, ки онро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунанд, аз ҷониби мақомоти андози маҳалли ҷойгиршавии қитъаҳои замин ва (ё) объектҳои ғайриманқул амалӣ карда мешавад. Шахсони воқеии пешбинигардида оид ба маблағҳои ҳисобшудаи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул бояд дар муҳлати на дертар аз 1-уми майи соли ҷорӣ аз ҷониби мақомоти андози дахлдор огоҳонида шаванд. Шакл ва тартиби огоҳонидани шахсони номбурда оид ба маблағҳои андозҳои молу мулки ғайриманқулро мақоми ваколатдори андоз муқаррар менамояд.

Огоҳинома оид ба маблағҳои андозҳо аз молу мулки ғайриманқул агар бо ягон сабаб ба шахси воқеие, ки чунин молу мулкро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунад, нарасида бошад, чунин шахси воқеӣ уҳдадор аст ҳисобҳои андозҳоро аз мақоми андози маҳалли ҷойгиршавии ин молу мулк гирад ва (ё) маблағҳои андозҳои пардохтшавандаро дар муҳлатҳои муайяннамудаи Кодекси андоз мустақилона супорад.

## МУҲЛАТИ ПАРДОХТИ МАБЛАҒИ АНДОЗҲО АЗ МОЛУ МУЛКИ ҒАЙРИМАНҚУЛ

**- Маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул дар кадом муҳлат бояд пардохт карда шавад?**

- Маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) барои соли ҷории андоз аз ҷониби андозсупорандагон, ба истисноӣ шахсони воқеие, ки чунин молу мулки ғайриманқулро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунанд, дар муҳлатҳои зерин супорида мешавад:

- барои ба объектҳои ғайриманқули (қитъаҳои заминҳо ва (ё) объектҳои ғайриманқули) дар маҳаллҳои аҳолинишин ҷойгиршуда - на дертар аз 15-уми феврал (бо тартиби пешпардохт), 15-уми май, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 25 фоиз, 50 фоиз, 75 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона;

- барои ба объектҳои ғайриманқули (қитъаҳои заминҳо ва (ё) объектҳои ғайриманқули) берун аз маҳаллҳои аҳолинишин ҷойгиршуда - на дертар аз 15-уми феврал (бо тартиби пешпардохт), 15-уми май, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 15 фоиз, 35 фоиз, 60 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона.

Аз ҷониби шахсони воқеие, ки молу мулки ғайриманқули андозбандишавандаро дар фаъолияти соҳибкории худ истифода намекунанд, маблағи андозҳо аз молу мулки ғайриманқул (андози замин ва (ё) андоз аз объектҳои ғайриманқул) барои соли ҷории андоз дар муҳлатҳои на дертар аз 15-уми июн, 15-уми август ва 15-уми ноябри соли ҷорӣ бо ҷамъбасти афзоянда аз оғози сол дар ҳаҷми мутаносибан на камтар аз 33 фоиз, 66 фоиз ва 100 фоизи маблағи солона супорида мешавад.

Андозсупоранда ҳуқуқ дорад дар ҳар давраи соли ҷории андоз қисми боқимондаи пардохтнашудаи маблағи ҳар як андоз аз молу мулки ғайриманқулро бо як пардохт пеш аз муҳлат супорад.

**– Ташаккур барои суҳбат!**

- Саломат бошед!

**Мусоҳиб**
**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# Шарҳи тағйиру иловаҳои ба Кодекси андоз воридшуда

**20 – уми феврали соли 2020 бо иштироки муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид, сармутахассиси Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Муҳаммадӣ Ниёзов ва дигар кормандони мақомоти андоз бо андозсупорандагони ҶДММ «Корвон плюс» вобаста ба шарҳи тағйиру иловаҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 2 январи соли 2020, №1676 ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ворид шуд, семинар - машварат баргузор гардид.**

Обиди Муҳаммадсаид қайд намуд, ки тибқи тағйиру иловаҳои воридгардида ба қисми 4 моддаи 290 Кодеси андоз он соҳибкорони инфиродии тибқи шаҳодатнома фаъолияткунандае, ки даромади умумиашон дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз ҳадди даромад бештар гардидааст, уҳдадоранд ба низоми умумии андозбандӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ гузаранд.

Гуфта шуд, ки тибқи тағйироти мазкур агар даромади умумии соҳибкорони инфиродии дар асоси шаҳодатнома фаъолияткунанда дар давраи пешинаи давомнокиаш на зиёда аз дувоздаҳ моҳи пурраи муттасили (пай дар пайи) тақвимии гузашта аз 1 млн. сомонӣ зиёд шуда бошад, чунин соҳибкори инфиродӣ уҳдадор аст ба низоми умумии андозбандӣ бо таъсис додани шахси ҳуқуқӣ гузарад.

Номбурда гуфт, ки дар қисми 4 моддаи 291 тағйирот илова гардид, ки дар асоси он андозсупорандагон ҳуқуқ доранд ихтиёран андози низоми содакардашударо аз фарқияти даромад ва хароҷот пардохт намоянд. Ин дар ҳолест, ки агар ба мақомоти андози маҳалли баҳисобгирӣ тибқи шакли муқарраргардида - андозсупорандагони навтаъсис – дар давоми 5 рӯзи корӣ пас аз лаҳзаи бақайдгирии давлатӣ ва андозсупорандагони амалкунанда – то 31 декабри соли тақвимӣ ариза пешниҳод намоянд.

Инчунин, гуфта шуд, ки дар моддаи 296 Кодекси андоз меъёри андози низоми содакардашуда барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 4 фоиз ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 5 фоиз, барои намудҳои дигари фаъолият аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 5 фоиз ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 6 фоиз, барои амалиёти андозсупорандагони қисми 4 моддаи 291 Кодекси мазкур пешбинишуда барои фаъолият оид ба истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 13 фоиз ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 14 фоиз, барои намудҳои дигари фаъолият аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 15 фоиз ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 16 фоиз илова шудааст.

О. Муҳаммадсаид таъкид намуд, ки барои супорандагони андози низоми содакардашудаи дар қисми 4 моддаи 291 Кодекси андоз муайяншудае, ки баҳисобгириро бо усули кассавӣ пеш мебаранд, лаҳзаи гирифтани даромад мутобиқи моддаҳои 142 ва 143 Кодекси мазкур дар санаи гирифтани он эътироф гардида, тарҳи хароҷот дар санаи амалӣ намудани он анҷомдодашуда дониста мешавад.

Қайд шуд, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба моддаҳои 291, 292, 293 ва 296 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон минбаъд дар баробари тартиби амалкунанда, яъне аз даромади умумӣ бе тарҳи хароҷот ҳисоб ва пардохт намудани андози содакардашуда, ба андозсупоранда ҳуқуқ дода шудааст, ки ихтиёран андози низоми содакардашударо бо тартиби нав, яъне аз фарқияти даромади умумӣ ва хароҷот (аз фоида) ҳисоб ва пардохт намоянд. Яъне объекти андозбандии андози низоми содакардашуда ҳамчун фарқи байни даромади умумӣ ва маблағи тарҳҳои пешбининамудаи боби 18 Кодекси андоз дониста мешавад.

Меъёрҳо барои аз даромади умумӣ ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда барои фаъолияти истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 4% ва амалиёти нақдӣ 5% ва барои намудҳои дигари фаъолият мутаносибан 5% ва 6% муқаррар гардид.

Меъёрҳо барои аз фоида ҳисоб ва пардохти андози низоми содакардашуда барои фаъолияти истеҳсоли молҳо аз рӯи амалиёти ғайринақдӣ 13% ва аз рӯи амалиёти нақдӣ 14% барои намудҳои дигари фаъолият мувофиқан 15% ва 16% муқаррар шудааст.

Муҳаммадӣ Ниёзов дар навбати хеш қайд намуд, ки тибқи тағйиру иловаҳо ба қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон "Дар бораи боҷи давлатӣ" ва "Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ", шурӯъ аз 8 январи соли 2020 тамоми амалҳои бақайдгирии давлатӣ, аз ҷумла бақайдгирии давлатии таъсисёбӣ, барҳамдиҳии шахсони ҳуқуқӣ, филиал ва намояндагии шахсони ҳуқуқии хориҷӣ ва соҳибкорони инфиродии тибқи патент ва шаҳодатнома фаъолияткунанда ройгон анҷом дода шуда, боҷи давлатӣ гирифта намешавад.

Мавсуф вобаста ба тартиби истифодаи патент, гузариши соҳибкорони бо патент фаъолияткунанда ба шаҳодатномаи соҳибкорӣ ва аз шаҳодатнома ба шахси ҳуқуқӣ маълумот дод. Ғайр аз ин, ба ҳозирон дар хусуси тағйиру иловаҳое, ки дар асоси қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 ноябри соли 2019, №605 ба қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 августи соли 2012, №451 ворид шуда буд, шарҳу тавзеҳ дода шуд.

Инчунин, намояндаи КВД «Боҷу хироҷ»-и Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба мазмуну мухтавои рӯзнома ба андозсупорандагон маълумот дода, қайд кард, ки нархи обунаи рӯзномаи мазкур дар муқоиса бо дигар рӯзномаҳо арзон буда, он 65 сомониро ташкил медиҳад.

Дар охир, байни кормандони мақомоти андоз ва андозсупорандагони ҶДММ «Корвон плюс» мубодилаи афкор сурат гирифт.

**Мазҳаб ҶУМЪА,**
**Фотимаи МИРЗОХОН**

ҶАЛАСАИ КОРӢ

# Баррасии масъалаҳои муҳим



Чанде пеш дар толори видеоконференсияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон вобаста ба бақайдгирии пурраи субъектҳои соҳибкории дар соҳаи хизматрасонии наклиётӣ ба фаъолият машғулбуда, баррасии мушкилоти ҷойдошта дар самти баҳисобгирии воситаҳои наклиёт ва аз байн будани фарқият дар ин самт ҷаласаи корӣ баргузор гардид.

Дар ҷаласаи корӣ сардори Сарраёсати маъмурикунонии андози Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон Шамсулло Кабирзода, муовини сардори Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе Обиди Муҳаммадсаид, муовини сардори Раёсати нақлиёти рӯизаминии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон З. Ёрова, сармутахассиси Раёсати молия ва баҳисобгирии Вазорати нақлиёти Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Қудратова, муовини сардори шуъбаи молиявӣ ва ревизионии Раёсати Бозрасии давлатии автомобилии Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон Д. Умарзода, сармуҳосиби Муассисаи давлатии «Душанбенақлиётхизматрасон» А. Олимов, роҳбарон ва самуҳосибони ширкатҳои дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда иштирок доштанд.

Ҷаласаи кориро Шамсулло Кабирзода оғоз намуда, гуфт, ки дар давоми солҳои 2018-2019 аз ҷониби мақомоти андоз бо иштироки роҳбарон ва сармуҳосибони ширкатҳои ба хизматарасонии нақлиётӣ машғулбуда 6 маротиба ҷаласаҳои корӣ гузаронида шуда, нишондиҳандаҳои фаъолияти ширкатҳои мазкур, ҳолати бақайдгирӣ ва ҷалб намудан ба андозбандӣ, рафти иҷрои уҳдориҳои андозии андозсупорандагоне, ки дар асоси шартномаҳои роҳхату борхат дар қайди ширкатҳо аъзо мебошанд, мавриди таҳлилу баррасӣ қарор гирифта буданд.

Зикр шуд, ки гарчанде ҳолати бақайдгирӣ ва ба андозбандӣ ҷалб кардани субъектҳое, ки дар қайди худ ронандагонро ҷалб намудаанд, нисбат ба давраҳои қаблӣ то дараҷае беҳтар гардидааст, аммо ҳоло ҳам камбудиҳо дар самти аз ҷониби ширкатҳои нақлиётӣ пурра дар ҳисоботи андозӣ нишон надодани даромади андозбандишаванда, шумораи коргарон, фонди музди меҳнат, ҳамзамон, шумораи ронандагони бе қайд дар мақомоти андоз ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда ва сари вақт иҷро нашудани уҳдадории андозӣ аз ҷониби ронандагон дар фаъолияти ширкатҳои нақлиётӣ ба назар мерасад.

Ш. Кабирзода дар такя бо маълумоти Муассисаи давлатии «Душанбенақлиётхизматрасон» гуфт, ки дар ҳудуди шаҳри Душанбе ба 37 адад ширкати ба хизматрасонии нақлиётӣ машғулбуда 4500 адад квота ҷудо шудааст. Яъне тибқи квотаи муайяншуда дар роҳҳои ҳудуди шаҳри Душанбе ба 4500 адад ронанда барои анҷом додани хизматрасонии нақлиётӣ тавассути рақамҳои зард (силсилаи №ТТ) иҷозат дода шудааст. Аз шумораи 4500 адад квотаи муайяншуда ба бахши коммуналӣ барои кашонидани мусофирон ба воситаи автобус ба 3 корхона 187 адад, дар бахши хусусӣ барои кашонидани мусофирон тавассути микроавтобусҳо ба 14 адад ҷамъияти алоҳида, дар маҷмӯъ, 1703 адад квота барои кашонидани мусофирон тавассути нақлиёти ҷамъиятӣ (таксӣ) бо рақамҳои содакардашуда, ба 11 адад ҷамъияти алоҳида ба миқдори 2225 адад ва барои хизматрасонии боркашонӣ ба 9 адад ҷамъият ба миқдори 386 адад квота муайян шудааст, ки ба хизматрасонии нақлиётӣ машғул мебошанд.

Таҳлилҳои гузаронидашуда нишон додаанд, ки шумораи квотаҳои аз ҷониби Муассисаи давлатии «Душанбенақлиётхизматрасон» ба ширкатҳои нақлиётӣ ҷудошуда нисбат ба маълумоти дастрасшуда доир ба миқдори рақамҳои зарди аз ҷониби РБДА ВКД Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудошуда ва мутаносибан аз рӯи шумораи варақаҳои назоратии аз ҷониби Хадамоти давлатии танзим дар соҳаи нақлиёт ба ширкатҳои нақлиётӣ ҷудошуда камтар буда, эҳтимолияти аз квотаҳои муайяншуда зиёд дар хатсайрҳо ҷалб гардидани ронандагон ё бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолияти соҳибкорӣ машғул гардидани шахсони воқеӣ дар аксари ҷамъиятҳои хизматрасонӣ ба назар мерасад, ки ин омил то як андоза мусоидати онҳоро барои бе қайд дар мақомоти андоз ба фаъолият машғул гардидани онҳо мусоидат менамояд.

Дар ҷаласа нишондиҳандаҳои фаъолияти ҳар як ширкати нақлиётӣ дар самти маблағҳои ҳисобшуда, шумораи коргарон, фонди музди меҳнат ва ҳиссаи андозҳои ҳисобшуда нисбат ба даромади умумӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт.

**Тоҳир ЧИЛАЕВ**

# ЦИФРА ЗАПЛАТИТ

## ОЭСР хочет ввести налог на ИТ-компании

**Организация экономического сотрудничества и развития (ОЭСР) предложила обязать крупные международные технологические компании, ведущие бизнес через Интернет, платить налоги в тех странах, где они оказывают услуги, а не в зонах льготного налогообложения. Проект обсудят на встрече министров финансов и глав центральных банков стран G20.**




Сегодня крупные цифровые гиганты, такие как Apple, Facebook, Amazon и другие, аккумулируют в своих руках огромную прибыль, оказывая услуги по всему миру. Однако зачастую налоги при этом платят в странах с низкой налоговой ставкой, например в Ирландии или Нидерландах. ОЭСР намерена решить эту проблему раз и навсегда. «Эта последовательная мера в борьбе с размыванием налоговой базы», - объяснил «РГ» Валентин Гордеев, представитель Фонда развития интернет-инициатив.

Некоторые страны сами вводят налоги на диджитал-услуги. В России такой налог (так называемый «налог на Google») действует с 2017 года. Его смысл как раз в том, чтобы условный Google, оказывая услуги на территории РФ, уплачивал косвенные налоги здесь же, напоминает Гордеев. Налог, который предлагает ОЭСР, работает в том же ключе, но это уже прямой налог, то есть налог с прибыли.

Отдельные страновые налоги могут привести к двойному налогообложению и оказать негативное влияние на инвестиции и экономический рост, считают в ОЭСР. Но ее решение отвергают США, ведь под ударом именно американские технологические гиганты.

**Источник: https://rg.ru**

# FACEBOOK ЗАДОЛЖАЛА 9 МИЛЛИАРДОВ ДОЛЛАРОВ НАЛОГОВ

Компания Facebook не выплатила около 9 миллиардов долларов налогов в США. Уйти от налоговых выплат крупнейшей в мире соцсети удалось благодаря дочерней структуре, зарегистрированной в Ирландии, пишет «Газета.ru» со ссылкой на Reuters.

В налоговом регуляторе Соединенных Штатов утверждают, что Facebook искусственно занижала цены на продаваемую дочерней структуре интеллектуальную собственность. Регулятор уже направил иск в один из судов Сан-Франциско (штат Калифорния).

Ставка налога на прибыль в Ирландии существенно ниже, чем в Соединенных Штатах Америки - 12,5 процента против 35 процентов.

В Facebook уже прокомментировали иск. По словам представителей компании, на это их вынудили пойти риски, связанные с выходом соцсети на международные финансовые биржи.

**Источник: https://rg.ru**

# США НАЗВАЛИ ДВЕ НОВЫЕ СТРАНЫ ДЛЯ ТОРГОВОЙ ВОЙНЫ

**Введение налога на международные IT-корпорации станет поводом для начала торговой войны. Об этом заявил министр финансов США Стивен Мнучин. Он назвал две новые европейские страны, которые рискуют попасть под действие американских пошлин, сообщает РИА Новости.**

Мнучин напомнил, что президент Франции Эммануэль Макрон согласился отложить введение налога до конца года, и призвал Италию и Великобританию последовать его примеру. По словам министра, приостановка цифрового налога во Франции выглядит как начало разрешения спора.

Ранее о возможности столкновения Чехии с США предупредила местная газета Hospodářské noviny. По данным издания, закон об аналогичном налоге правительство страны одобрило в конце 2019 года. При этом в Вашингтоне уже предупредили республику о серьезных последствиях в результате такого решения, пригрозив многомиллиардными потерями.

Между тем еврокомиссар по вопросам внутреннего рынка Тьерри Бретон утверждает, что цифровой налог вскоре введут не в отдельных странах, а на общеевропейском уровне. Сроки принятия такого решения он не обозначил.

Реакция США связана с тем, что цифровой налог касается в первую очередь американских корпораций. Во Франции он получил название GAFA — аббревиатура составлена из названий Google, Apple, Facebook и Amazon. Это крупнейшие по капитализации компании США, в мире их опережает только саудовская нефтяная компания Saudi Aramco.

Согласно французской инициативе, утвержденной в середине прошлого года, налог должен коснуться компаний с оборотом не менее 750 миллионов евро и заработком внутри страны не менее 25 миллионов. У Италии сумма заработка на национальном рынке еще ниже — 5,5 миллиона евро. США пригрозили обложить пошлинами французские товары на сумму 2,4 миллиарда евро. Макрон согласился отложить решение после разговора с главой Белого дома Дональдом Трампом.

**Источник: https://news.mail.ru/economics/40282604/**

# НОВЫЙ ГЛАВА ФНС: УПЛАТА НАЛОГОВ ДОЛЖНА СТАТЬ НЕИЗБЕЖНОЙ И КОМФОРТНОЙ

**Руководитель Федеральной налоговой службы (ФНС) Даниил Егоров считает, что задача налоговой службы — сделать так, чтобы уплата налога была неизбежной и в то же время максимально комфортной. Так он описал свой подход газете «Ведомости».**

По словам Егорова, главное не собрать больше налогов, а «обелить рынок», создать удобную модель и сделать налогоплательщиков законопослушными.

Даниил Егоров возглавил ФНС на прошлой неделе после того, как бывший руководитель налоговой службы Михаил Мишустин стал премьер-министром. Ранее Егоров занимал пост заместителя главы ФНС.

«Сначала оцениваешь, кто подпадает под регулирование, сколько налогоплательщиков, потом смотришь, соответствует ли предлагаемое регулирование логике их поведения, если соответствует, начинаешь его тестировать на ограниченной группе, чтобы проверить, рабочая или нет модель. И, постоянно обновляя модель, внедряешь ее так, чтобы не ударить по рынку, но при этом компании начали отказываться от нелегальных схем», — рассказал Егоров.

Такой подход Даниил Егоров опробовал в 2014 году на рынке дистрибуции бытовой техники и электроники. «Мы поняли, что инфекции подвержен весь рынок и классическим способом не добиться результата. Мы стали придумывать модель влияния не на плательщика, а на рынок. И, когда придумали, поняли, что вышли на новый уровень контроля и взаимодействия с бизнесом», — отметил Егоров.

Он рассказал, что один из дистрибуторов уходил от налогов с помощью цепочки фирм.

Сотрудники налоговой службы встретились с владельцами и представили им большую карту со схемой из «облака» фирм, через которые шли поставки и финансовые потоки, и предложили доплатить налоги. После этого собственники согласились изменить схему работы, а также поработать со всем рынком, чтобы он «прошел некую очистку». Таким образом, различные схемы можно искоренять с помощью самих участников рынка.

**Источник: https://news.mail.ru/economics/40282604/**

# В СИНГАПУРЕ ОТЛОЖИЛИ УВЕЛИЧЕНИЕ НДС ИЗ-ЗА КОРОНАВИРУСА

**На борьбу с коронавирусом и поддержку экономики региона будет выделено $4,6 млрд**



Власти Сингапура из-за вспышки коронавируса отказалось от планов увеличить налог на товары и услуги в 2021 г. Об это поведал в парламенте на обсуждении проекта бюджета глава Минфина страны Хэн Сви Кит. Налог будет увеличен к 2025 г., сообщает Интерфакс.

По его словам, на борьбу с коронавирусом и поддержку экономики региона будет потрачено 6,4 млрд сингапурских долларов ($4,6 млрд). 800 млн сингапурских долларов ($575 млн) из этой суммы получит Минздрав на сдерживание инфекции, а остальное пойдет на поддержку бизнеса и потребителей.

В понедельник руководство Сингапура ухудшило экономический прогноз и сообщило, что воздействие новой инфекции на экономику региона будет сильнее, чем от SARS в 2003 г. тогда на поддержку экономики было выделено 230 млн сингапурских долларов.

**Источник: http://taxpravo.ru**

# Дарки масъулият мебояд

**- Бақияи қарзи андозҳо дар миқёси ҷумҳурӣ ба ҳолати 1 январи соли 2020 маблағи умумии 581 млн сомониро ташкил дода, нисбат ба 1 январи соли 2019 ба андозаи 144 млн сомонӣ кам гардидааст, - зикр шуд дар ҷаласаи Мушовараи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи натиҷаи фаъолияти мақомоти андоз дар соли 2019 ва вазифаҳо барои соли 2020”. Аз ҷумла, таъкид гардид, ки дар давраи ҳисоботӣ бақияи қарзи андозҳо дар 67 шаҳру ноҳия дар ҳаҷмҳои гуногун кам карда шуда бошад ҳам, мутаассифона, дар як қатор нозиротҳои андози шаҳру ноҳияҳои ҷумҳурӣ маблағи қарзи андоз зиёд гардидааст.**

- Бақияи қарзи андоз барои кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода ҳам яке аз масъалаҳои ташвишовар махсуб меёбад. – мегӯяд сардори нозироти андози шаҳр А.Неъматов. – Ин аст, ки ҳар семоҳа фаъолияти нозироти андоз дар ситоди доимоамалкунандаи барҳамдиҳии қарзи андоз дар мақомоти иҷроияи маҳаллии ҳокимияти давлатӣ дар шаҳри Турсунзода ҳамаҷониба таҳлил гардида, сардорони бахшу шуъбаҳо ва нозирони минтақавӣ вазифадор карда мешаванд, ки дар байни соҳибкорону андозсупорандагон корҳои тарғиботию фаҳмондадиҳиро боз ҳам ҷоннок намоянд ва ба кам кардани бақияи қарзи андоз муваффақ гарданд. Ба ҷуз ин дар назди мақомоти ҳудудии андоз гурӯҳи махсуси барҳамдиҳии қарзи андоз таъсис дода шуда, нозирони минтақавии шуъбаҳои хизматрасонии шахсони ҳуқуқию инфиродӣ, баҳисобгирии андозу пардохтҳо ва коркарди эъломияҳои андоз ба он шомил гардидаанд.

Дар ҳақиқат, тадбирҳои андешидашуда дар самти барҳамдиҳии бақияи қарзи андоз дар шаҳри Турсунзода натиҷаҳои дилхоҳ дод. Маблағи бақияи қарзи андоз ба ҳолати 1 январи соли 2020-ум 4649,3 ҳазор сомониро ташкил медиҳад, ки ин нисбат ба 1 январи соли 2019 ба маблағи 772 ҳазор сомонӣ кам мебошад.

Бояд гуфт, ки ҳолатҳои пешгирии зиёдшавии бақияи қарзи андозҳо ва барҳамдиҳии он кори дастаҷамъона буда, мутобиқи талаботи бандҳои 11-13 Дастури методӣ «Дар бораи тартиби маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо», ки бо Фармоиши Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 18 январи соли 2013, таҳти №22 дар мувофиқа бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба тасвиб расидааст, барҳамдиҳии бақияпулиҳои андоз ва гирифтани пеши роҳи афзоиши он, аслан, ба зиммаи кормандон масъули шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон гузошта шудааст. Аз ин нуқтаи назар, мутобиқи талаботи дастури зикргардида, таҳия ва пешниҳоди огоҳинома оид ба таъмини иҷрои уҳдадориҳои андоз ба мӯҳлати 20 рӯз, таҳия ва ҷамъоварии ҳуҷҷатҳои зарурӣ (парвандаи назоратӣ) оид ба зарурати татбиқи чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо маҳз ба зиммаи нозирони андози шуъба ва бахшҳои хизматрасонӣ ба андозсупорандагон вогузор шудааст.



Бо мақсади ҳарчи бештар ба буҷети мамлакат баргардонидани маблағи қарзи андози андозсупорандагон кормандони Нозироти андоз дар шаҳри Турсунзода тибқи талаботи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Дастури методӣ «Дар бораи татбиқи маҷбуран ситонидани қарзи андозҳо» барои дар мӯҳлати муқарраргардида таъмин накардани иҷрои уҳдадориҳои андозӣ аз тарафи андозсупорандагон нисбати онҳо чораҳои маҷбуран ситонидани қарзи андозҳоро амалан татбиқ менамоянд, ки ин амал, дар маҷмӯъ, натиҷаҳои мусбӣ ба бор меорад.

Бояд қайд кард, ки дар асоси муқаррароти зербанди 1, банди 3, моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути барномаи компютерии СИА «Идоракунӣ ва мониторинги қарзи андозҳо» дар соли 2019 ба 213 шахси ҳуқуқӣ ба маблағи 4456,2 ҳазор сомонӣ ва 459 соҳибкори инфиродии аз андоз қарздор ба маблағи 683,4 ҳазор сомонӣ огоҳинома ирсол карда шуд, ки аз ин ҳисоб мутаносибан 3013,9 ҳазор сомонӣ ва 543,4 ҳазор сомонӣ ба буҷет ворид гардид.

Бо мақсади чораҷӯӣ ҷиҳати таъмини иҷрои уҳдадории дар мӯҳлаташ иҷронашудаи андоз бо тартиби ғайрисудӣ нисбати 64 андозсупоранда ба маблағи умумии 2699,5 ҳазор сомонӣ қарор қабул ва аз ин ҳисоб ба буҷет 2576,9 ҳазор сомонӣ ворид карда шуд. Ҳамзамон, аз 46 адад қарори дар соли 2019 қабулгардида иҷрои 44 адади он пурра таъмин гардид. Таъмини иҷрои 10 адад қарор оид ба боздошти суратҳисоби андозсупорандагон айни замон таҳти назорати қатъӣ қарор дорад.

Дар ин давра бо сабаби аз ҷониби андозсупорандагон ба таври дахлдор иҷро нагардидани талаботи Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки назорати он бевосита ба зиммаи мақомоти андоз гузошта шудааст, дар маҷмӯъ, 353 протоколи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ба маблағи умумии 577,3 ҳазор сомонӣ тартиб ёфтааст, ки аз маблағи номбурда 424,4 сомонии он рӯёнида, ба буҷет ворид карда шудааст.

Лозим ба ёдоварист, ки тадбирҳои дар самти барҳам додани бақияпулиҳои андоз андешидашуда натанҳо дар кам шудани маблағи қарзи андозҳо мусоидат менамояд, балки дар баланд бардоштани фарҳанги андозсупории андозсупорандагон низ бетаъсир намемонад. Зеро пас аз равнақ ёфтани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва баланд гардидани ҳисси масъулиятшиносии кормандони нозироти андози шаҳр қисми зиёди андозсупорандагон зиёни қарзи андозро дарк карда, кӯшиш менамоянд, ки қарзи андози худро ҳарчи зудтар кам намоянд.

**М. ТАБАРЗОДА,**
**шаҳри Турсунзода**

# Мақсад - коҳиш додани қарзи андоз

**Дар ноҳияи Лахш ба ҳолати 1 январи соли равон 328 адад шахси ҳуқуқӣ ба қайд гирифта шудааст. Шумораи соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда 443 ададро ташкил медиҳад. Соҳибкорони инфиродии бо шаҳодатнома амалкунанда дар давраи ҳисоботӣ ҳамагӣ 87 нафарро дарбар мегирад. Хоҷагиҳои деҳқонии инфиродӣ 1611 адад ва супорандагони андоз аз молу мулки ғайриманқул 11585 нафар мебошанд.**

Тавре дар нозироти андози ноҳия ба мо гуфтанд, дар соли 2019 иҷрои қисми даромади буҷети давлатӣ ва нишондиҳандаҳои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Буҷети давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои соли 2019» - ро кормандони нозироти андоз (бо дарназардошти андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ) ба андозаи 100 фоиз таъмин намуданд. Дар натиҷа, ба буҷет 13662,3 ҳазор сомонӣ ворид гардидааст.

-Дар давраи сипаригардида нақшаи андоз аз даромад ҳамагӣ 92,3%, андоз аз воситаҳои нақлиёт 86,8% ва андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ 87,1% иҷро шудааст, - изҳор намуд сардори Нозироти андоз дар ноҳияи Лахш Муродалӣ Ниёзов . - Аз ин хотир, ба буҷет, дар маҷмӯъ, 868281 сомонӣ ворид нагардид. Сабаби асосии иҷро нагардидани андоз аз даромад аз як тараф, дар давраи ҳисоботӣ кам гардидани шумораи коргарони ташкилотҳои буҷетӣ ба ҳисоб равад, аз тарафи дигар, кам гардидани маблағҳои ҳисобшудаи як қатор ташкилотҳои ҷамъиятӣ ва субъектҳои хоҷагидор ба ҳисоб меравад. Сабаби иҷро нашудани нақшаи пешбинишудаи андоз аз воситаҳои нақлиётро метавон ба барзиёд нақшабандӣ гардидани ин намуди андоз дар нақшаи буҷети соли 2019 рабт дод. Иҷро нагардидани андози иҷтимоии ғайрибуҷетӣ далолат ба мавҷуд набудани манбаъҳои кофии андозбандӣ мебошад, ки маблағҳои ҳисобшудаи ин намуди андоз аз нақшаи пешбинигардида мутаносибан аз 23 то 30 фоиз кам мебошад.

М. Ниёзов, ҳамчунин, гуфт, ки бо мақсади пешгирӣ намудани қонуншиканиҳо андоз ва ҷалби шахсони ҳуқуқвайронкунанда ба ҷавобгарӣ, дар давраи ҳисоботӣ бо маблағи 57580 сомонӣ протоколҳои ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ нисбати 72 субъект тартиб дода шудааст. Аз маблағи зикршуда дар ин давра 52080 сомонӣ ба буҷети ҷумҳуриявӣ ворид гардидааст.

Бақияи қарзи андозҳо ба ҳолати 1 январи соли 2020 маблағи 2979,0 ҳазор сомониро дар бар мегирад, ки ин нишондод ба аввали сол маблағи 382616 сомонӣ кам гардидааст. Бо мақсади пешгирӣ намудан ва зиёд нагардидани бақияи қарзи андозҳо дар ин давра бо истифода аз ваколатҳои муқаррарнамудаи қонунгузорӣ нисбати 822 андозсупоранда бо маблағи 1499751 сомонӣ огоҳиномаҳо ирсол гардидааст, ки аз ин ҳисоб 244873 сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Ҳамзамон, бояд қайд кард, ки дар давраи ҳисоботӣ нисбати 9 андозсупорандаи қарздор мутобиқи моддаи 72 Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи ситонидани маблағи қарзи андоз аз ҳисоби ин андозсупорандагон 12 қарор қабул карда шуда, аз ин ҳисоб ба буҷет 473502 сомонӣ рӯёнида шудааст. Инчунин, аз ҳисоби 2 қарори иҷронагардидаи соли 2018 низ маблағи 145034 сомонӣ ба буҷет ворид карда шудааст.

Қобили қайд аст, ки дар давраи ҳисоботӣ кормандони нозироти андоз дар якҷоягӣ бо мақомоти прокуратураи ноҳия зиёда аз 121 ҳазор сомонӣ маблағи бақияи қарзи андозҳоро барқарор кардаанд. Ҳамзамон, тавассути таъсиррасонии прокурорӣ зиёда аз 367,9 ҳазор сомонӣ маблағи андозҳо ба буҷет ворид шудааст.

Тибқи маълумот, дар ноҳияи Лахш, бо дарназардошти вазъи молиявии як қатор субъектҳои хоҷагидор ва андозсупорандагони алоҳида, кормандони нозироти андоз ҳамаи чораҳои зарурии андешидаанд, ки иҷрои қисми даромади буҷет дар соли 2019 таъмин гардад.

**Тоҷинисои ЗАЙНИДДИН**

# ЭЪЛОН!

**Муҳтарам шаҳрвандон ва андозсупорандагон!**

Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дар асоси талаботи қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21 ноябри соли 2017, №533 "Дар бораи тартиби аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ хориҷ намудани шахси ҳуқуқӣ ва соҳибкори инфиродӣ, филиал ва намояндагии шахси ҳуқуқии хориҷии бефаъолият", барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ рӯйхати субъектҳои бефаъолиятро пешниҳод менамояд.

Аз ин лиҳоз дар сурати пайдо гардидани арзу шикоятҳо нисбати андозсупорандагони бефаъолият, шумо метавонед ба шуъбаи иттилоотии Кумитаи андоз бо рақамҳои содакардашудаи телефонии 151 ва 152 ё ба Кумитаи андоз бо суроғаи шаҳри Душанбе, кӯчаи Неъмат Қарабоев 42/2 муроҷиат намоед.

Рӯйхати субъектҳои бефаъолияте, ки аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ёвон, Мастчоҳ, Спитамен, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан пешниҳод гардидаанд, дар поён оварда мешаванд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

# РӮЙХАТИ

**андозсупорандагони бефаъолияте, ки аз ҷониби нозиротҳои андоз дар шаҳру ноҳияҳои Ҳисор, Ёвон, Мастчоҳ, Спитамен, Конибодом, Бобоҷон Ғафуров ва Истаравшан барои хориҷ намудан аз Феҳристи ягонаи давлатӣ пешниҳод шудаанд**

(Аввалаш дар шумораи гузашта)

| № | № | Номгӯи андозсупорандагон | Санаи таъсисёбӣ | РМА |
|---|---|---|---|---|
| | | **Нозироти андоз дар шаҳри Конибодом** | | |
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 204 | 17 | Маркази бемориҳои пӯсту таносул дар шаҳри Конибодом | 24.01.2011 | 570006065 |
| 205 | 18 | Маркази ҳамбастагии бемориҳои кӯдакона дар шаҳри Конибодом | 24.01.2011 | 570006075 |
| 206 | 19 | Маркази равоншиносӣ дар шаҳри Конибодом | 24.01.2011 | 570006054 |
| 207 | 20 | ҶДММ Диканшы | 14.09.2009 | 640002539 |
| 208 | 21 | Корхонаи савдои ҳисоби хоҷагии дорои масъулияташ маҳдуди Ҷамъияти матлуботи шаҳри Конибодом | 30.08.2010 | 570000596 |
| 209 | 22 | ҶДММ Муҳаммад | 29.06.2010 | 570000129 |
| 210 | 23 | ҶДММ Амиршоҳ Қанд | 11.04.2016 | 570009170 |
| 211 | 24 | ҶДММ Бозори Маҳрам | 17.07.2002 | 570003505 |
| 212 | 25 | КИ Хоҷагии деҳқонии Нуриддин | 09.10.2009 | 570003384 |
| 213 | 26 | КИ С. Айнӣ | 05.07.2010 | 570003594 |
| 214 | 27 | КИ Ҳаитбой | 26.04.2011 | 570006377 |
| | | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| 215 | 1 | Ҷӯраев Музаффар | 03.11.2016 | 575678328 |
| 216 | 2 | Кимсанов Сойибҷон | 16.06.2016 | 575049346 |
| 217 | 3 | Муҳамедов Ҳилолиддин | 22.09.2014 | 575299445 |
| 218 | 4 | Раҳматулоев Исроилҷон | 31.05.2012 | 555259269 |
| 219 | 5 | Самадова Муяссара | 08.06.2012 | 575261011 |
| 220 | 6 | Исмоилов Карим | 27.11.2014 | 575024529 |
| 221 | 7 | Холиқова Тахмина | 18.12.2016 | 575762794 |
| 222 | 8 | Эргашев Абдухолиқ | 25.02.2013 | 575345153 |
| 223 | 9 | Қурбоналиев Тиллобой | 23.02.2015 | 575680873 |
| 224 | 10 | Маҳмудов Абдураззоқ | 07.06.2013 | 575686402 |
| 225 | 11 | Маҳкамов Абдумавлон | 05.05.2017 | 575910379 |
| 226 | 12 | Эгамназаров Сайдулло | 13.03.2012 | 575164698 |
| 227 | 13 | Исоқов Иномҷон | 03.06.2013 | 575114600 |
| 228 | 14 | Бутаев Фахридин | 30.11.2010 | 575439472 |
| 229 | 15 | Боҳиров Тухтасун | 29.03.2006 | 575079255 |
| 230 | 16 | Раҳмонов Карим | 26.07.2004 | 575051332 |
| 231 | 17 | Худойбердиев Эгам | 17.02.2014 | 575129067 |
| 232 | 18 | Негматов Хуршед | 18.04.2011 | 575099289 |
| 233 | 19 | Иргашев Баҳодир | 27.04.2012 | 575187058 |
| 234 | 20 | Холматов Дилшод | 12.11.2010 | 575317859 |
| 235 | 21 | Ваҳобов Ориф | 17.12.2011 | 575270485 |
| 236 | 22 | Ҷӯраева Фирӯза | 30.09.2016 | 575055215 |
| 237 | 23 | Мақсудов Далерҷон | 09.03.2017 | 635414013 |
| 238 | 24 | Бойбобоев Аминҷон | 16.08.2011 | 575161080 |
| 239 | 25 | Ҳасанов Раҳим | 05.02.2007 | 575136671 |
| 240 | 26 | Мирзоев Зафар | 11.09.2009 | 205094312 |
| 241 | 27 | Бузруков Сафохон | 15.06.2005 | 575088369 |
| 242 | 28 | Нематова Сурайо | 20.11.2014 | 575636937 |
| 243 | 29 | Хоҷибоев Равшанҷон | 22.02.2016 | 635378017 |
| 244 | 30 | Набиев Ҳсан | 15.05.2009 | 575295735 |
| 245 | 31 | Бозоров Шоҳрух | 28.01.2016 | 575694912 |
| 246 | 32 | Баротов Валӣ | 25.12.2015 | 575100443 |
| 247 | 33 | Шарипова Манзура | 20.06.2015 | 575165449 |
| 248 | 34 | Бобоҷонова Фирӯза | 18.12.2009 | 575239734 |
| 249 | 35 | Нурматов Исроил | 19.09.2015 | 575961246 |
| 250 | 36 | Шарипов Анвар | 19.01.2010 | 575111245 |
| 251 | 37 | Холматов Зоҳир | 31.01.2014 | 575032905 |
| 252 | 38 | Эргашев Мурод | 12.04.2012 | 575107227 |
| 253 | 39 | Бердиев Кенҷа | 10.02.2014 | 575684806 |
| 254 | 40 | Ҷумабоева Мусаллам | 18.03.2014 | 575533504 |
| 255 | 41 | Васидов Абдураҳмон | 07.06.2004 | 575004768 |
| 256 | 42 | Артиқов Бахтиёр | 08.11.2011 | 575114923 |
| 257 | 43 | Муллоев Ҳомид | 18.12.2009 | 575009643 |
| 258 | 44 | Мамадҷонов Шерзод | 15.01.2015 | 575147027 |
| 259 | 45 | Эргашева Насиба | 13.10.2014 | 575055047 |
| 260 | 46 | Абдуллоев Юнусҷон | 15.03.2012 | 575000281 |
| 261 | 47 | Абдураҳмонова Мавлуда | 14.01.2005 | 575078995 |
| 262 | 48 | Комилзода Шаҳноза | 27.01.2014 | 575434508 |
| 263 | 49 | Юсупов Сайфидин | 21.08.2009 | 575319185 |
| 264 | 50 | Зокирова Насиба | 10.07.2009 | 575024581 |
| 265 | 51 | Турсунов Одилбой | 07.02.2012 | 575412552 |
| 266 | 52 | Эргашев Бахтиёр | 17.02.2016 | 635750573 |
| 267 | 53 | Ботиров Содиқ | 19.11.2004 | 575078210 |
| 268 | 54 | Халилов Акмал | 24.08.2009 | 575144244 |
| 269 | 55 | Исхоқова Марҳамат | 08.11.2011 | 575011317 |
| 270 | 56 | Ҳошимов Одилҷон | 09.05.2015 | 575195342 |
| 271 | 57 | Маматов Отаҷон | 07.06.2004 | 575057436 |
| | | **Нозироти андоз дар ноҳияи Бобоҷон Ғафуров** | | |
| | | Соҳибкорони инфиродӣ | | |
| 272 | 1 | Абудурехити Абудуреими | 13.04.2015 | 635898915 |
| 273 | 2 | Абудулисианг Лайхети | 14.08.2015 | 636037576 |
| 274 | 3 | Вареси Абудукелиму | 14.08.2015 | 635575975 |
| 275 | 4 | Самеҷонов Амонҷон Ҷумабоевич | 01.02.2011 | 635522640 |
| 276 | 5 | Сангинов Шавкат Шарифҷонович | 06.01.2009 | 515327904 |
| 277 | 6 | Бузуруков Илҳом Мухторович | 18.08.2010 | 635054502 |
| 278 | 7 | Азизов Абдукарим Абдувалиевич | 10.11.2009 | 635096284 |
| 279 | 8 | Алиҷонов Акрамҷон Ахмедович | 11.11.2009 | 635244391 |
| 280 | 9 | Шодиев Абдурасул Абдурашидович | 25.12.2009 | 635128564 |
| 281 | 10 | Додобоев Дилшод Дадоевич | 15.01.2010 | 635143485 |
| 282 | 11 | Қаххоров Абдуқаххор | 21.08.2007 | 635125432 |
| 283 | 12 | Зоҳиров Маҳмудҷон Мамадҷонович | 07.06.2010 | 635019656 |
| 284 | 13 | Зоидов Маҳкамҷон Набиҷонович | 30.06.2010 | 635055988 |
| 285 | 14 | Тошматов Набӣ Абдувалиевич | 14.09.2012 | 635072336 |
| 286 | 15 | Саидкамолов Мухтор Бурҳонович | 01.10.2009 | 635097408 |
| 287 | 16 | Муҳамедов Азаматхӯҷа Пулотович | 01.10.2009 | 635132178 |
| 288 | 17 | Раҳимова Волида Холиқовна | 25.01.2011 | 595029806 |
| 289 | 18 | Қӯзиева Манзура Уктамовна | 27.03.2013 | 515778200 |
| 290 | 19 | Турапов Насриддин Алиакбарович | 18.05.2013 | 515740092 |
| 291 | 20 | Каримова Мавлуда Рабиевна | 19.01.2010 | 515530878 |
| 292 | 21 | Солиев Дадоҷон Темурович | 30.06.2009 | 515130937 |
| 293 | 22 | Солиев Темур | 15.12.2009 | 635298107 |
| 294 | 23 | Зикиряев Фаррухxоҷа Юнусович | 15.05.2010 | 635274907 |
| 295 | 24 | Раҷабова Саиднисо Абдураҳмоновна | 20.10.2009 | 635217305 |
| 296 | 25 | Мерганова Муаттар Самеевна | 27.03.2010 | 635524129 |
| 297 | 26 | Ҷумаъева Назирахон Ҷӯраевна | 30.09.2015 | 636590083 |
| 298 | 27 | Ваҳобов Абдухалил Абдурасулович | 01.10.2009 | 635456126 |
| 299 | 28 | Маҳкамов Садриддинхоҷа Нуридинович | 01.10.2009 | 635451936 |
| 300 | 29 | Зарипов Исмоилҷон Рустамбоевич | 11.11.2011 | 635435504 |
| 301 | 30 | Азимҷонов Ҷамолҷон Муминҷонович | 07.08.2012 | 635529209 |
| 302 | 31 | Исроилова Марҳабо Иброгимовна | 07.06.2010 | 635555936 |
| 303 | 32 | Рӯзимаймаити Силифу | 25.06.2015 | 636118187 |
| 304 | 33 | Мӯсоев Нумонҷон Муҳамадҷонович | 07.01.2006 | 635049707 |
| 305 | 34 | Хапитиму Абула | 25.06.2015 | 635965768 |
| | | Шахсони ҳуқуқӣ | | |
| 306 | 1 | ҶДММ Кристал | 05.03.2010 | 630004661 |
| 307 | 2 | АХД Р. Қосимов | 15.12.2009 | 630010076 |
| 308 | 3 | ҶДММ Маъдани Суғд | 19.04.2013 | 630014875 |
| 309 | 4 | АХД А. Раҳимбоев 1 | 01.07.2010 | 630000122 |

**(Давомаш дар шумораи оянда)**

# ОБУНА БА РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»

## БАРОИ СОЛИ 2020 ИДОМА ДОРАД

Нашрияи Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон

Ба «Боҷу хироҷ» бо чашми хирад, чашми нек ва чашми дурбин нигаред ва ҳамрозу ҳамсадо бошед!

**65 СОМОНӢ**

*нархи яксолаи обуна ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ»*



СУРОҒАИ МО:
ш.Душанбе, хиёбони
Н.Қаробоев 42/3, бинои
Раёсати андози шаҳри Душанбе
**Телефон:** (2)33-08-41

СУРАТҲИСОБИ РӮЗНОМАИ «БОҶУ ХИРОҶ»:
р/сч 20202972000266101000
кор/сч 20402972316264
МФО 350101626 БДА ҶТ
«Амонатбонк» дар шаҳри Душанбе
РМА 030007408


**ҶОМЕА**

# Аз ҳаракатҳои экстремистӣ-террористӣ ҳазар бояд кард!

Ҷаҳони муосир бо пешравиҳояш дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ гоҳо ба амвоҷи афкору андешаҳои вопасгароёна дучор мешавад. Баъзе равияву ҳаракатҳо ва аҳзобу ҷабҳаҳое арзи вуҷуд карда, таъсири худашонро барои халалдор кардани амнияту суботи минтақаҳо расонида истодаанд ва ин таъсирот аз як минтақа ба дигар минтақаи олам убур карда, вазъияти ҷомеаи ҷаҳониро муташанниҷ намудааст. Имрӯз ҷомеаи ҷаҳонӣ хусусияти тахрибкоронаи чунин ҳаракатҳоро омӯхта, фаъолияташонро мамнуъ эълон кардааст. Ҷумҳурии Тоҷикистон низ яке аз ташаббускорони мубориза бар зидди ин гурӯҳҳо мебошад.

Терроризм ва экстремизм, ки вабои имрӯзаи асранд, ҷомеаи ҷаҳониро бештар аз ҳар вақти дигар ба ташвиш овардаанд. Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ҳанӯз чанд сол пеш бо эҳсоси ин хатар ҷомеаи ҷаҳониро ҳушдор дода буданд, ки ба он бетафовут набошанд ва дар ин самт тадбирҳои заруриву муассир биандешанд.

Яке аз чунин ташкилотҳои террористӣ-экстримистӣ ин Ташкилоти экстримистии “Ихвон-ул-муслимин” (ба тоҷикӣ- “Бародарони мусалмон») аст, ки қариб сад сол пеш зуҳур карда, ба як ҳизби фаромиллии исломгаро табдил шудааст, ки ҳоло дар бисёре аз кишварҳои арабӣ ва мусулмоннишин тарафдор дорад.

Тавре ходими пешбари Института омӯзиши масъалаҳои Осиё ва Аврупои Академияи ислмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон Субҳуддин Зиёев дар мақолаи таҳлилии худ қайд менамояд; «ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” дар вазъияте ақоиди ифротии худро рӯи кор овард, ки аз як тараф мақомоти ал-Азҳар созишҳои нав ба нави ҷомеа ва тағйирот дар масоили диниро рад мекарданд ва аз сӯи дигар қисми навгароён ба дунболи ҷомеае буданд, ки бояд дар он дин ва сиёсат аз ҳам ҷудо бошанд. Роҳбари ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” Ҳасан ал-Банно дар ин ҳолат кӯшиши худро барои таблиғ мустаҳкамтар намуда, аз фурсат истифода карда, ба созмондиҳиву иқдомоти амалӣ оғоз кард. Ин гурӯҳ дар аввал барои паҳн намудани ақоиди хеш мардуми таҳҷоиро дар иҷрои амалҳои найрангвор ва муғризона истифода мекард ва ба монанди “ба номаке” паҳн кардани арзишҳои исломӣ ва хайрхоҳӣ машғул буд, аммо оҳиста-оҳиста ба амалҳои сиёсӣ даст зада, вазъи ҷомеаи Мисрро муташанниҷ намуда, махсусан дар муборизааш “бо баҳонаи” баровардани ҳокимияти мустамликавии Англия аз Миср ва решакан кардани ҳама шаклҳои нуфузи Ғарб дар Миср ҳизбашро таблиғ намуда, фаъолияташро пеш мебурд».

С. Зиёев ќайд менамояд, ки ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” бо баҳонаи ҷорӣ намудани ислоҳоти сиёсӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ дар Миср ва соири мамолики исломӣ мехост қудратро ба даст оварад. Мувофиқи маълумоти худи Ҳасан ал-Банно, ҳангоме ки дар шаҳри Исмоилия дар канори Канали Сувейс зиндагӣ мекард, шаш нафар дӯстон ва шогирдонаш, ки узви коргарони ширкатҳои Канали Сувейс буданд, ба назди ӯ меоянд ва аз ноадолатиҳое, ки аз сӯи хориҷиҳо бар мусалмонон ва арабҳо дар он ҷо раво дида мешуд, шикоят мекунанд. Ҳасан ал-Банно, ки худ як нафари ҷангҷӯву ситезаҷӯ буд, додхостанҳои пешина ва шикоятҳояш боис шуд, ки ӯ роҳбарии онҳоро бар зимма гирад ва ҷамоати «Ихвон-ул-муслимин» - ро таъсис диҳад.

ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” роҳи сиёсати худро бар иршод ва таблиғ дар батни ҷомеаи мусулмонон қарор дод, то ҷомеаи исломиро барои барпошавии ҳукумати хилофат омода созад, вале ҷамоатҳои ҷаҳонӣ хостори ҳаракатҳои инқилобӣ ва ислоҳи умур ба сурати ҷиҳодӣ шуданд. Сайид Қутб, ки худ аз назарияпардозони мавриди эҳтироми ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” буд, асосан бо мафҳуми таҳзиб мухолиф буд ва сиришти ҳукуматеро, ки бар пояи интихобот ва таҳзиб бошад, ба рӯҳи ислом мухолиф медонист. Вале ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” расман таҳзиб ва такассур дар ҳукуматро пазируфт ва бар хилофи ҷараёни салафии ҷиҳодӣ, ки қонунҳои мавҷударо натиҷаи роҳи мувофиқи кофирон медонанд ва усулан демократияро хилофи шаръ талаққӣ мекунанд, ин аркон ва аслҳои ҷомеаи мардумсолориро пазируфт. Сайид Қутб ва бархе аз исломгароён дар оғоз чандон аҳамияте ба мафҳуми миллат намедоданд ва ҳамвора бар уммати исломӣ каломи худро маҳкам мекарданд ва миллатро мафҳуми воридотӣ ва ғарбӣ дониста ва қавмиятгароиву натсионализмро нишонае аз ҷоҳилият қаламдод мекарданд, вале бо мурури замон ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” бо костан аз нақши ҷаҳонии худ тамаркузи бештаре бар миллигароӣ намуд.

ТЭ “Ихвон-ул-муслимин”-и Миср дар ҷараёни эътирозоти соли 2011-и Миср, ки ба суқути ҳукумати Ҳуснӣ Муборак анҷомид, ширкат дошт ва дар нишасти хабарии раҳбарони аршади ҳизб 9 феврал эълон шуд, ки “Ихвон-ул-муслимин бо ҳукумати мазҳабӣ мухолиф аст, чун онро мухолифи ислом медонад ва хостаи он бар пояи ҳукумати маданӣ бар марҷеияти ислом аст”.

Соли 2013 мавҷи ҷадиди эътирозгарон алайҳи давлати инқилобӣ шакл гирифт, ки 3 июли соли 2013 шӯриш ба суқути давлат кашида шуд ва дар ҷои ӯ раиси Суди олии конститутсионӣ Адлӣ Мансур ба василаи артиш ба унвони раиси ҷумҳури муваққатии давлати интиқолӣ барои баргузории интихобот таъйин гардид. 26 марти соли 2014 Абдулфаттаҳ ас-Сисӣ истеъфояшро ҳамчун вазири дифоъ эълон кард ва моҳи майи соли 2014 дар давраи якум ва 2-юми апрели соли 2018 дар давраи дуввум бо пирӯзӣ ҳамчун президенти Миср интихоб шуд. Ҳаракати ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” дар замони раҳбарии охирин президенти мисрӣ бо доштани хусусиятҳои ифротиву тафритиаш гурӯҳи экстремистӣ-террористӣ эълон шуд ва қисми зиёди ҷонибдорони мисрии ин ҳаракат маҳв карда шуданд.

ТЭ “Ихвон-ул-муслимин” домани фаъолияти худро ба аксари мамолики ҷаҳон, алалхусус ба минтақаҳои Осиёи ҷанубу-шарқӣ, Шарқи Наздику Миёна ва Осиёи Марказӣ паҳн намуда, дар ин манотиқ мардуми бедонишу гумроҳро ба узвияти худ пазируфтааст. Аз ҷумла, ин ташкилоти экстремистӣ дар Тоҷикистон чандин нафарони ноогоҳу бесавод ва бехабар аз фарҳангу тамаддуни ғании хешро ба узвияти худ пазируфтааст.

Бо сабаби ифротӣ буданаш ҳукумати кишвари Миср ин ҳаракатро экстремистӣ эълон кардааст. Ҷомеаи ҷаҳонӣ бояд муборизаи шадидро алайҳи онҳо ба роҳ монанд. Ташкилоти экстремистии “Ихвон-ул-муслимин”, ки хусусияти фароминтақавӣ дорад, ҳаёти озодонаву оромонаи ҷомеаро халалдор месозад. Ҳарчи зуд мебояд пеши роҳи ин ҷунбиши номатлуб гирифта шавад, вагарна ин ҷунбиш метавонад нооромии доимиро дар тамоми гӯшаву канори олам ба вуҷуд орад.

Пайомадҳо ва хатарҳои даҳшатноки ташкилоти экстремистии “Ихвон-ул-муслимин”-ро ин ҷо зикр намудан бамаврид аст, то нафарони ноогаҳу бехабар аз ҳар қавму миллате, ки бошанд, аз ин пайомадҳои нооромкунанда бохабар шавад ва гаравидан ба ин ташкилоти террористиро, ки оқибат ба маргу нобудиву маҳкумият ба зиндон оварда мерасонад, худро аз ин ҷунбиш дур нигоҳ доранд.

Ихвониҳо низомҳои сиёсии имрӯза, аз қабили демократия, коммунистӣ, сотсиалистӣ ва дигар навъи низомҳои сиёсиро низоми давраи ҷоҳилият меҳисобанд ва бар зидди ин низомҳо мубориза мебаранд ва низоми дунявиятро низоми зиддидинӣ меноманд. Миллат, аслан, барои ихвониҳо маънӣ надошта, онҳо пайваста бар болои ҳама миллатҳо мубориза мебаранд ва аз байн бурдани миллатҳо яке аз ҳадафҳои асосии ихвониҳо мебошад. Ҳама гуна анъанаву расму оин ва ёдгориҳои таърихии миллатҳо барои онҳо беарзиш ва дурӯғин маҳсуб мешавад. Пас, аз ин ҳаракат ҳазар бояд кард!

**М. ҶУМЪА**

# ОГОҲИНОМА

**Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти ворид гардидани муроҷиатҳои зиёди шаҳрвандон вобаста ба татбиқи банди 2, қисми 4, моддаи 291 Кодекси андоз илова ба Огоҳиномаи №1053/4.2, аз 23 январи соли 2020, чунин маълумот медиҳад.**

Бо дарназардошти он ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Кодекси андози Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 2 январи соли 2020, №1676 дар нашрияи расмии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Ҷумҳурият» санаи 8 январи соли 2020 ба нашр расида, санаи 8 феврали соли ҷорӣ мавриди амал қарор дода мешавад ва давраи ҳисоботии андоз барои супорандагони андози низоми содакардашуда семоҳа муайян шудааст, тартиби интихоби ҳисоби уҳдадории андоз барои соли 2020, чунин амалӣ карда мешавад. Андозсупорандагоне, ки тибқи низоми содакардашуда фаъолият мекунанд, барои муайян намудани (интихоби) тартиби ҳисоб барои соли 2020 метавонанд то санаи 29 феврали 2020 тибқи тартиби муқарраргардида ба мақомоти маҳалли қайди худ ариза пешниҳод намуда, пардохти андози низоми содакардашударо аз даромади умумӣ ва ё аз ҳисоби фарқият байни даромад ва хароҷоти вобаста ба гирифтани даромад, интихоб кунанд.

Усули интихобнамудаи чунин андозсупорандагон барои соли 2020 аз аввали сол (01.01.2020) мавриди амал қарор дода мешавад.

Андозсупорандагоне, ки яке аз усулҳои ҳисоби андози низоми содакардашударо интихоб намудаанд, уҳдадоранд то охири соли ҷорӣ бо ҳамин усул фаъолият намуда, танҳо дар сурати пешниҳод кардани ариза ба мақомоти андози маҳалли қайди худ то 31 декабри соли 2020 ҳуқуқи аз оғози соли минбаъда иваз кардани онро доранд.

**Кумитаи андози назди**
**Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон**

**БАРҲАМ МЕХӮРАД**

■ Хоҷагии деҳқонии «Солеҳ А» (РЯМ 2930057653) воқеъ дар ноҳияи Вахш барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Диловар 2016» (РМА 590007685), воқеъ дар ноҳияи Спитамен барҳам мехӯрад.

■ Кооперативи тиҷоратии «Бобомурод Ғуломзода» (РЯМ 5710002916), воқеъ дар шаҳри Конибодом барҳам мехӯрад.

■ ҶДММ «Яғноб» (РЯМ 5410003684), воқеъ дар ноҳияи Зафаробод барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

■ ҶДММ «Билол 2014» (РЯМ 1810009190), воқеъ дар шаҳри Кӯлоб барҳам мехӯрад. Ҳамаи арзу шикоятҳо дар давоми 2 моҳ қабул карда мешаванд.

**ЭЪТИБОР НАДОРАД**

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Абдураҳимов Бобоҷон (РЯМ 0331315270) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Суфиев Шералӣ (РЯМ 0430183839) аз ноҳияи Сино бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Собиров Фаридун (РЯМ 0331251489) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Саъдуллоев Махсатулло (РЯМ 0530012771) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Салимова Шарофат (РЯМ 0331341304) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Сатторов Курбонали (РЯМ 0331312594) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Нуриддинов Маъмур (РЯМ 053003038) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Раҳимов Хуршед (РЯМ 0331292033) аз ноҳияи Фирдавсӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Патенти соҳибкори инфиродӣ Туйчиева Сабоҳат (РЯМ 6330000738) аз ноҳияи Бобоҷон Ғафуров бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Иқтибос аз Феҳристи ягонаи давлатии шахсони ҳуқуқӣ, мутааллиқ ба ҶДММ «Аншан» (РЯМ 0210019068) аз ноҳияи Исмоили Сомонӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Шаҳроми Худоидод” (РЯМ 2930001113) аз ноҳияи Вахш бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Гуланор” (РЯМ 3030009245) аз ноҳияи Дӯстӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Оятулло” (РЯМ 0530059475) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Зафар” (РЯМ 303003242) аз ноҳияи Дӯстӣ бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Вахинак” (РЯМ 2630000643) аз ноҳияи Темурмалик бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Ҳалимхон” (РЯМ 0530048879) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи бақайдгирии мутааллиқ ба Х/Д “Боғи Достӣ” (РЯМ 0530052811) аз шаҳри Ваҳдат бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Музафаров Карим (РЯМ 5530105955) аз шаҳри Исфара бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Мирзоев Дилшод (РЯМ 6830087211) аз ноҳияи Ашт бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Додоматов Нишонбой (РЯМ 6830065312) аз ноҳияи Ашт бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Шаҳодатномаи соҳибкори инфиродӣ Аҳмадҷонов Баҳромҷон (РЯМ 0930151127) аз шаҳри Ҳисор бинобар гум шуданаш беэътибор дониста шавад.

■ Фонди қарзии хурди “Имдоди Хутал” (РЯМ 1810002425) аз шаҳри Кӯлоб сармояи оинномавиашро аз 1 феврали соли 2020 ба 3248856 сомонӣ зиёд менамояд.


## МУҲТАРАМ ШАҲРВАНДОН ВА АНДОЗСУПОРАНДАГОН!




Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» дар фазои иттилоотии мамлакат ягона рӯзномаи соҳавиест, ки дар он дар бораи масъалаҳои андозу андозбандӣ, низому меъёрҳои андозҳо, имтиёзот ва сабукиҳои андозӣ, хизматрасониҳои мақомоти андоз ба андозсупорандагон, рушди фаъолияти соҳибкорӣ, андоз дар хориҷа ва дигар мавзӯъҳое, ки ба муносибатҳои андозӣ дахл доранд, нашр мешаванд.

Шумо ба рӯзномаи «Боҷу хироҷ» обуна шуда, метавонед аз ҷониби мутахассисони соҳибкасб ба ҳамаи саволҳои худ доир ба қонунгузории андоз, маъмурикунонии андоз ва ҳуқуқу уҳдадориҳои андозсупоранда ҷавоби мушаххас ва асоснок дарёфт намоед.

Рӯзномаи «Боҷу хироҷ» ва мутахассисони Кумитаи андоз кӯшиш менамоянд, ки маводи рӯзнома ҷолибтар ва барои такмили дониши андозию иқтисодӣ ва ҳалли мушкилоти шумо боз ҳам муфидтар бошанд.




**Рӯзномаи «Боҷу хироҷ»**

## ШАҲРВАНДОНИ МУҲТАРАМ!

КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

БА МАЪЛУМОТИ ШУМО МЕРАСОНЕМ, КИ РОҶЕЪ БА МАСЪАЛАҲОИ АНДОЗ ВА АНДОЗБАНДӢ МЕТАВОНЕД АЗ СОМОНАИ КУМИТАИ АНДОЗ **WWW.ANDOZ.TJ** ВА БАРОИ ГИРИФТАНИ ПОСУХ АЗ БАХШИ ИТТИЛООТИИ (КОНТАКТ-СЕНТР) **151** ИСТИФОДА НАМОЕД.



АЗ ТАЪРИХИ АНДОЗ

## § 4. Ислоҳоти низоми андози Ҷумҳурии Тоҷикистон дар заминаи Кодекси нави андоз

(Аввалаш дар шумораҳои гузашта)

Барои ин андозсупорандагон меъёри андози низоми содакардашуда барои истеҳсолкунандагони мол 5% ва барои дигар андозсупорандагон 6% пешбинӣ шудааст;

Даромади умумии чунин соҳибкорони инфиродӣ дар давоми соли андоз аз ҳамаи намудҳои фаъолият барои бо ҳамин низом фаъолият намудан, на бояд аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад.

**Дар асоси шаҳодатнома вобаста ба намуди фаъолият ва даромади бадастоварда, соҳибкор ҳуқуқи истифодаи низомҳои зерин дорад:**

*1. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои соҳибкории хурд;*

*2. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;*

*3. Низоми содакардашудаи андозбандӣ барои субъектҳои бизнеси бозӣ.*

Ҳангоми дар як вақт истифода намудани ду низоми махсуси андозбандӣ соҳибкор уҳдадор аст аз рӯи ҳар як низом баҳисобгирии алоҳидаи даромадҳо, хароҷот ва амалиёти хоҷагидории анҷомдодашавандаро пеш барад.

Соҳибкорони инфиродии тибқи патент фаъолияткунанда, ки даромади умумиашон дар соли 2012 аз ҳадди ниҳоии даромад барои системаи патентӣ бештар, яъне аз 100 ҳазор сомонӣ зиёд мебошад ва соҳибкорони инфиродӣ, ки дар асоси шаҳодатнома фаъолият намуда, даромади умумиашон дар соли 2012 аз ҳадди ниҳоии даромад барои низоми содакардашуда, яъне аз 500 ҳазор сомонӣ зиёд бошад, уҳдадоранд то 1 апрели соли 2013 фаъолияти соҳибкории худро қатъ намуда, ба дигар низоми фаъолият гузаранд. Ҳангоми идома додани фаъолият ва гузаштан ба дигар низоми андозбандӣ аз чунин шахсон боҷҳои давлатӣ барои қатъ намудани фаъолият ва оғоз намудани фаъолият ситонида намешаванд.

**Андози низоми содакардашуда нисбати андозсупорандагони зерин татбиқ намегардад:**

*1) шахсони воқеие, ки ба сифати соҳибкорони инфиродӣ тибқи патент ба қайд гирифта мешаванд;*

*2) соҳибкорони инфиродии истифодакунандаи низоми содакардашудаи андозбандии истеҳсолкунандагони маҳсулоти кишоварзӣ;*

*3) шахсони истифодабарандаи низоми содакардашудаи андозбандӣ аз рӯи фаъолияти тиҷорати бозӣ.*

**(Давом дорад)**

**Манбаъ: Тоҳир ИСЛОМОВ «Аз таърихи молия, андоз ва ташаккулёбии низоми андозбандӣ дар Тоҷикистон»**

## Сокинони Гана нафақа намегиранд



### Системаи нафақаи Гана ба ду шоха ҷудо шудааст.

Яке аз онҳо марбут аст ба Фонди миллии суғурта ва ҳифзи иҷтимоӣ. Он бо категорияи бештари шаҳрвандон, аз ҷумла кормандони сектори хусусӣ ва давлатӣ, фермерҳо, тоҷирон ва моликони соҳибкории хурд фаъолият мебарад. Шохаи дуюм бо пардохти нафақа барои низомиён, политсия ва баъзе соҳибмансабон машғул мешавад.

Ҳар ду барнома талаботи 10 фоизи қувваи кориро бо маблағ таъмин менамояд. 90 фоизи аҳолии боқимондаи Гана дар пиронсолӣ аз ҷониби давлат ягон дастгирӣ намеёбанд. Сабаби асосии он сатҳи пасти ҳифзи иҷтимоӣ - саҳми баланди иқтисоди пинҳонӣ мебошад. Ғайр аз ин, ба иллати тавarruми калон пул дар фондҳои давлатӣ зуд беқурб мегардад.

## Оё медонед?



Дар Чин суръати сохтмони роҳҳо аз суръати рушди иқтисод қафо мемонад ва маблағ барои сохтмони як километр роҳ ба ҳисоби миёна аз 1 то 12 миллион доллари ИМА-ро ташкил медиҳад. Роҳе, ки барои бунёди он маблағи аз ҳама зиёд сарф гаштааст, роҳест пайвандгари ду шаҳри калони тиҷоратии Чин бо номи Чанҷе – Ҷишоу. Дар сохтани ҳар як километри он 71 миллион доллар харҷ гаштааст. Ин шоҳроҳи беназир намунаи муҳандисии мураккаб аст: сутунҳое, ки дар нишебиҳо ҷойгир карда шудаанд, пули зеборо мустаҳкам нигоҳ медоранд.

## Филми тасвирии сердаромад



Филми тасвирии «Дар ҷустуҷӯи Немо» истеҳсоли киностудияи Pixar Animation Studios (2003) буда, ба хотири гиромидошти корманди киностудия Гленн Маккуин ба навор гирифта шудааст. Он соли 2004 ҳамчун филми беҳтарини тасвирӣ бо ҷоизаи «Оскар» мушарраф гардидааст. Буҷети филм 94 миллион доллари ИМА буда, маблағи ҷамъовардаи он аз намоиши ҷаҳонӣ 940 335 536 долларро ташкил медиҳад.

## Далелҳои ҷолиби андоз



Дар Британияи Кабир муддати 27 сол барои пӯшидани кӯлоҳ андоз меситониданд.

x x x

Роҳзан ё ғоратгари машҳури ҷиноии Амрико Аль Капоне, аслан, барои напардохтани андоз зиндонӣ гардида буд.

x x x



Дар яке аз шаҳрҳои Ҳиндустон дар назди тирезаҳои қарздорони ашаддии андоз ё қарздорони бемасъулият шабҳо нақора мезананд.

## СУХАНОНИ ҲАКИМОНА

Вақте ки одамон беруни худро оро медиҳанд, шумо дохили худро оро диҳед, вақте ки одамон хатоҳои дигаронро ҷустуҷӯ мекунанд, шумо дар фикри ислоҳ намудани хатоҳои худ бошед.

x x x

Ҳаёт он рӯзҳое нест, ки гузаштаанд, балки он рӯзҳоест, ки дар хотир нақш бастаанд.

x x x

Тухм якранг аст, аммо баъди шикастан дуранг мешавад. Пас интизор надошта бош, ки касеро шикастӣ, бо ту якранг бимонад.

x x x

Ҳар гоҳе дурӯғ гуфтӣ, қасам махӯр, зеро як дурӯғ кифоя аст.

x x x

Дӯст он аст, ки ҳама гуна суханатро бе ҳеҷ монеа ба ӯ гуфта тавонӣ.

## Панди рӯзгор



Пирамарди 80 сола бо писари таҳсилкардаи 45-солаи худ рӯи кат нишаста буданд. Ногаҳон зоғе канори панҷараашон нишаст.

Падар аз фарзанд пурсид: Ин чӣ аст?

Писар посух дод: Зоғ аст.

Пас аз чанд дақиқа дубора пурсид: Ин чӣ аст?

Писар гуфт: Падар, ман ҳамин ҳоло гуфтам, ки ин зоғ аст.

Баъд аз мудати кутоҳе падар бори саввум пурсид: Ин чӣ аст?

Писараш асабонӣ шуд ва бо ҳамон ҳолат гуфт: Зоғ аст, зоғ.

Падар ба хона даромад ва бо дафтари хотироти қадимааш баргашт. Саҳифаеро боз кард ва ба писараш гуфт, ки онро бихонад. Онҷо чунин навишта шуда буд: «Имрӯз писари хурдиам, ки сесола аст, рӯи кат бо ман нишастааст. Ҳангоме, ки зоғе канори панҷара нишаст, ӯ аз ман 23 маротиба пурсид, ки ин чӣ аст? Ман гуфтам, ки ин зоғ ном дорад. Ҳаргоҳе, ки ӯ мепурсид, оишқона оғӯшаш мекардам ва ба ӯ ҷавоб мегуфтам. Ҷолиб ин буд, ки асло асабонӣ намешудам, баръакс меҳраш ба дилам бештар ҷой мегирифт...».

Боҷу хироҷ

МУАССИС: КУМИТАИ АНДОЗИ НАЗДИ ҲУКУМАТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

Сармуҳаррир Фарзона ШАРИФӢ

ҲАЙАТИ ТАҲРИРИЯ ВА МУШОВАРА:

**ДАВЛАТЗОДА Н. М.** - Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ҚАҲҲОРЗОДА Ф. С.** - Вазири молияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; **СОЛЕҲЗОДА А. М.** - муовини аввали Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **МЕЛИКЗОДА К.Н.** - муовини Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **ЮСУФӢ П. С.** - ёрдамчии Раиси Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; **НУРЗОДА Ҷ.** - сардори Раёсати хизматрасонӣ ба андозсупорандагони Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон; Ҷалилзода Қ. - сардори Сарраёсати баҳисобгирӣ ва таҳлили даромадҳо; **ВОҲИДОВ А.** - муовини сармуҳаррир - котиби масъули рӯзномаи «Боҷу хироҷ»; **НИГМАТОВ М.** - сардори шуъбаи иқтисод, буҷет ва андози рӯзномаи «Боҷу хироҷ».

Дар ҳафтанома ба хотири гуногунандешӣ матолибе низ нашр мешавад, ки идораи ҳафтанома метавонад бо муаллифон ҳамақида набошад ва масъулияти онро ба дӯш нагирад.

Ҳафтанома дар Вазорати фарҳанги ҷумҳурӣ таҳти рақами 597 номнавис шудааст.

Ҳафтанома бо шаҳодатномаи №0310003650 дар Кумитаи андози назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон ба қайди давлатӣ гирифта шудааст.

Тел: 233-08-41 (мухбирон), 44-600-41-76 (шуъбаи эълон ва обуна)

Навбатдор: Мақсуди НЕЪМАТ

Таррoҳ: Сафаралӣ САТТОРОВ

*Суроға: ш. Душанбе, х. Н. Қарабоев 42/3, бинои Раёсати андоз дар шаҳри Душанбе*

**Индекс: 68930**

Рӯзнома дар нашриёти «Шарқи озод» чоп шудааст.

**Теъдод: 69723**